КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАДАМҲОИ НАВ
# ДАРТАТБИҚИ СИЁСАТИ
# ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

ДУШАНБЕ 2014

ББК

Қадамҳои нав дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон. Душанбе, 2014, 112 саҳ.

Таҳиягар: **Қиёмиддин Миралиев**, номзади илмҳои сиёсӣ, муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

Китоб барои доираи васеи мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон, олимон ва муҳақиқон, бахусус кормандони сохторҳои маҳаллии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ барои истифодаи доимӣ тавися карда мешавад.

Маълумоти овардашуда ба фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар давраи фаъолият, аз ҷумла шаш моҳи охири соли 2014 алоқамандии бевосита дорад ва он аз таҷрибаи андухта сарчашма мегирад.

# МУНДАРИЧА


| | Саҳ. |
|---|---|
| Пешгуфтор………………………………………… | 4 |
| Дастовардҳои соҳа дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон то имрӯз……………………… | 6 |
| Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон дар ҳайати нави роҳбарикунанда……… | 56 |
| Қадамҳои нав дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон………………………………………… | 58 |
| А. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон………………………………………….. | 58 |
| Б. Устувор гардидани заминаи меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон………………………….. | 75 |
| В. Амалиётҳои таблиғотию ташвиқотӣ баҳри татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар............................................................... | 85 |
| Замимаи В1. Барномаи баргузории Амалиёти оммавӣ «Биёед, китоб мехонем!»......................... | 86 |
| Замимаи В2. Амалиёти умумиҷумҳуриявии ҷавонон оид ба 100 рӯзи ободонӣ таҳти унвони «Ин Ватанро мо ҷавонон сабзу хуррам мекунем!»............................................................. | 93 |
| Замимаи В3. Амалиёт оид ба ҷамъоварии қоғазпора............................................................... | 95 |
| Г). Беҳтар гардонидани вазъи моддию техникии сохторҳои Кумита дар маҳалҳо…………………… | 98 |
| Е). Мукотиботи соҳа дар сатҳи нави ташкилӣ….. | 99 |
| Замимаи Е1. Рӯйхати почтаҳои электронии сохторҳои маҳаллӣ дар домени «youth.tj»............ | 100 |
| Замимаи Е2. Тартиби истифодаи почтаҳои электронӣ дар домени youth.tj…………………….. | 103 |

# ПЕШГУФТОР

Кор бо ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мегардад, ки татбиқи босамари он ба таври ҳамешагӣ дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Чун ҷомеа мунтазам дар ҷараёни рушд қарор дора два афзалиятҳо такмил меёбад, сиёсати давлатии ҷавонон низ аз таҷрибаи андӯхта сарчашма гирифта, баҳри татбиқи ҳадафмандонаи худ тарзу усулҳои муассирро сафарбар менамояд.

Боиси зикр аст, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамқадам ва ҳамсоли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, дар ин давра заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилию инфрасохтории соҳа ботадриҷ такмил ёфтааст.

Боиси зикр аст, ки рушди босуботи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи бонизом ва самарабахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин арҷгузорӣ ба муқаддасоти давлатию миллӣ ба сатҳ ва сифати сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбат расонид.

Вале, нуқтаи аз ҳама муҳим, ки пойдевори татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва сарчашмаи ғизои маънавию моддии амалишавии он мебошад, маҳз дастгирӣ ва ғамхории шабонарӯзии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони кишвар арзёбӣ мегардад.

Қобили зикр аст, ки дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нишондиҳандаҳои муайян рушдёбии соҳаро инъикос менамоянд. Маблағгузории Барномаи миллии ҷавонон, ки аз рӯи мантиқу мақсад фарогири тамоми ҷавонони кишвар аст, дар солҳои 2001-2003 ҳудуди 200 ҳазор сомонӣ буда, соли 2014 то 2,2 миллион сомонӣ, яъне 10 баробар зиёд гардидааст. Ҳамзамон теъдоди инфрасохтори сиёсати давлатии ҷавонон, ба

монанди мактабҳо, китобхонаҳо, марказҳо, толору майдонҳои варзишӣ ва ғайра зиёд гардида истодааст, ки бори дигар таваҷҷӯҳи баланди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин қисмати сиёсати давлатӣинъикос менамояд.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон бошад, дар ин давра ба комёбиҳои зиёд ноил гардид. Оғоз аз соли 1997 сохтор фаъолияти мӯътадил дошта, иқтидори муайянеро касб намудааст ва дар таносубнокӣ ба минтақа кишвари дар ин муносибат пешрафта маҳсуб меёбад. Имкони амалии мақомот бо дучанд гардидани ваколатҳо дар соли 2006, яъне зам гардидани соҳаҳои варзиш ва туризм устувор гардида, имрӯз теъдоди зиёди мутахассисон машғули татбиқи ҷанбаҳои сиёсати давлатии ҷавонон мебошанд.

Дар пайвастагӣ ба ин, андешидани тадбирҳои муассир ва дар ин замина оғоз намудани марҳилаи нави татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон бо фарогирии нишондиҳандаҳои амиқ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бо назардошти афзалият ва вазифаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Кумита гузошта шудааст, мо кормандони соҳаро зарур аст, ки фаъолияти худро таҷдиди назар карда, баҳри дар шакли сифатан нав амалӣ намудани фаъолият аз тарзу усулҳои муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи замони нав истифода барем.

Зимни расидан ба чунин ҳадафҳои асил ба тамоми кормандони соҳа ва шарикони иҷтимоӣ муваффақият орзу менамоям.

*Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии наздӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Абдуллозода Аҳтам Рустам*

## ДАСТОВАРДҲОИ СОҲА ДАР САМТИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ТО ИМРӮЗ

## САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон"**

Манбаи асосӣ ва устувории дилхоҳ фаъолият ва ё амалиёт аз имкониятҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии мутаносибан муқарраргардида манша мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун аксриятро ҷавонон ташкил медиҳанд, ҳануз аз солҳои аввали бадастории истиқлолияти давлатӣ ва мустақилият системаи махсуси фаъолият бо номи "Сиёсати давлатии ҷавонон" ташаккул ёфт ва ҳамзамон барои татбиқи босамари он дар кишвар бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" қабул гардид.

То имрӯз бо дарназардошти шароити ҷомеаи муосир ва рушду такомули ҷавонон дар ҳолати муқовиматнокӣ ва мутобиқат ба тазодҳои ҷомеа ба қонуни асосии ҷавонон се маротиб тағйироти иловаҳо ворид карда шуданд.

Маротибаи аввал соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистона "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" дар таҳрири нав қабул гардид.

Маротибаи дуюм соли 2011 ва маротибаи сеюм соли ҷорӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистона "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Соли 2014 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» бо мақсади такмили қонунгузории соҳа ва мутобиқи талаботи банди 9 Нақшаи

чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён намуда буданд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 тасдиқ шудааст) таҳия гардид, ки тибқи он ба моддаҳои 1, 3, 4, 9, 14, 21, 28 ва 29 он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Яке аз дастоварди муҳим дар лоиҳаи охирин муайян гардидани муқаррарот вобаста ба таъсиси Шӯрои миллӣ кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад, ки ба он ҷавонони кишвар интизории тулонӣ доштанд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ»**

Дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва бо дарназрдошти иқтидори амалии соҳа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» қабул гардида, ҳамоҳангсозии он бар души Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд.

Волонтёрӣ фаъолиятест, ки на ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи доираи васеъ, бахусус масъулони давлатӣқарор дода мешуд. Бисёр кишварҳое ҳастанд, ки то кунун фаъолияти волонтёриро қонунӣ нагардонидаанд, яъне волонтёр мақоми ҳуқуқӣ пайдо накардааст. Бахусус дар кишварҳои Осиёи марказӣ то имрӯз ба ғайр аз Тоҷикистон қонуни волонтёрӣқабул карда нашудааст.

Тоҷикистон низ баъди зиёда аз даҳ соли амалиёбии фаъолияти волонтёрӣ дар кишвар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» аз 19.09.2013 №1019 ташаббус кард.

Қонун аз 5 боб ва 18 модда иборат мебошад ва он асоси қонунии ҳаракати волонтёриро дар кишвар

ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар Қонуни омадааст, ки «Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии фаъолияти волонтёриро муайян карда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба амалишавии ин намуди фаъолият танзим менамояд».

Дар баробари ин боиси зикр аст, ки на дар ҳамаи кишварҳо оид ба фаъолияти волонтёрӣ Мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда шудааст, ки боз ҳам ба раванди рушди ин ҳаракат монеаҳои зиёде эҷод кардааст.

Дар Тоҷикистон хушбахтона ҷиҳати татбиқи босамари Қонуни волонтёрӣ ва рушди ин ҳаркати ниҳоят мубрами ҷомеа чунин Мақом дар симои Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.03.2014 №174 муқаррар карда шуд.

**Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон**

Дар шароити дигаргунисозиҳои ҷаҳонӣ муқаррар кардани чаҳорчӯбаҳо ва меъёрикунонии муносибат нисбат ба қишрҳои муайяни ҷомеа, бахусус ҷавонон, ки ояндаро месозанд, тақозои замон мебошад.

Чун Тоҷикистон ҷавон аст ва қувваи асосии меҳнатиро низ ҷавонон ташкил медиҳанд, барои он муайян намудани ҷабҳаҳои фаъолият ва дурнамо нисбат ба ҷавонон мувофиқи мақсад аст.

Дигар зарурати меъёрикунонии муносибатҳо нисбат ба ҷавонон дар он аст, ки Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш қарор дорад ва онро зарур аст, ки соҳаҳои афзалиятнок ва таъсиррасони ҷамъиятиро муайян созад ва баҳри тараққиёти кишвар фаъолиятро дар чаҳорчӯбаи он афзалиятҳо роҳандозӣ намояд. Вале дар ин ҷо баъзе мушкилот, ки хусусияти бархурдӣ дорад пеш омадааст, аз ҷумла дар таваҷҷӯҳи кам қарор доштани насли ҷавон бинобар дар мухолифати доимӣ қарор доштани онҳо бо насли калонсол мебошад. Насле, ки имрӯз идоракунандаи давлат ва ҷомеа аст ва

ба ҳар самте, ки хоҳад онро равона месозад. Бошад, ки онро ба фикри ояндаи нек, аз ҷумла бо дарназардошти тарбия ва таълими комил ва муассири насли ҷавон, яъне ояндасози кишвар равона созад.

Дар ҳамин васила, дар заминаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ ташкил гардида лоиҳаи Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 №228 тасдиқ гардид.

Консепсия мақсад, принсип ва афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро муайян менамояд, ки мутобиқи он бояд механизмҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муайян гардида, асосҳои таъмини методологӣ, ташкилӣ ва иттилоотии он ташаккул дода шавад.

Бо мақсади такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир ва талаботи банди 9 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён намуда буданд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 тасдиқ шудааст) ва банди 11 Нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2014 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №424 тасдиқ шудааст) ба бандҳои 1 ва 4 Консепсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо ҳамин мақсад тағйироти ба зербанди якуми банди I Консепсия пешниҳодшаванда баҳри амалӣ сохтан ва таъмини фаъолияти мустақилонаи ҷавонон дар кишвар оварда шудааст.

Банди IV Конспесия дар таҳрири нав таҳия карда шуд, чун он соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро пурра фаро мегирад. Тағйироти мазкур бо дарназардошти камтаъсир шудани муқарраротi пешин

ва тақозои ҷомеаи муосир ворид карда шудааст. Ҳамчунин, дар лоиҳаи қаблӣ соҳаҳои афзалиятнок 6 адад буда, дар тағйироти нав он ба 10 адад фарогирандаи тамоми масъалаҳои мубрами ҳаётии ҷавонон расонида шудааст.

Дар баробарин ин, дар лоиҳа иқтибосҳо аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар ду соли охир, ҳамчунин мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 ба инобат гирифта шудааст.

**Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020**

Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ҳуҷҷати муайянкунандаи сиёсат буда, фаъолиятеро инъикос менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат анҷом медиҳад ва ҷавобгӯи афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад.

Стратегия барои муайян намудани мақсад, афзалият ва тадбирҳое нигаронида шудааст, ки татбиқи онҳо ба ҳалли вазифаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд. Стратегия барои даҳ сол пешбинӣ шуда, то соли 2020 тахмин менамояд ба мақсадҳои худ ноил гардад. Интихоби самтҳои стратегии сиёсати давлатии ҷавонон метавонад танҳо ба натиҷаҳои таҳлил ва дурнамои равандҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати рушди ҳаёти иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси таҳлили ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ошкор гардидаанд, асос ёбад. Ғайр аз ин, Стратегия бояд дигаргуниҳоеро, ки дар соҳаи фаъолияти ҳаётан муҳими ҷамъият ва давлат рӯй медиҳад, ба инобат гирад ва пешбинӣ намояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон зикр гардидааст: "Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо, мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад.". Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла ҷавонон ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 35 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад.

Ба сиёсати ҷавонон, ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад.

Стратегияи мазкур ба шаҳрвандони ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 14 то 30 сола, аз ҷумла ҷавононе, ки дар вазъи душвори зиндагӣ қарор доранд ва ба оилаҳои ҷавон нигаронида шудааст.

Бинобар он ки қисми асосии аҳолии Тоҷикистонро шаҳрвандони то 30 сола ташкил медиҳанд ва синни миёнаи аҳолӣ ба 24,7 сол баробар аст, шаҳрвандони ҷавони мамлакат минбаъд захираи асосии меҳнатии Тоҷикистонро ташкил хоҳанд дод ва фаъолияти меҳнатии онҳо барои таъминоти иҷтимоии кӯдакон, маъюбон ва калонсолон манбаи асосии маблағ маҳсуб меёбад.

Стратегияи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия гардида, маҷмӯи самтҳои афзалиятнокро муайян менамояд, ки ба ҷавонон нигаронида шудааст ва вазифаҳоеро фаро мегирад, ки ба иштироки ҷавонон дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки миллҳ алоқаманд мебошанд.

**Барномаи миллии ҷавонон**

Вобаста ба фарогирии маҷмӯи мушкилоти ҷавонон ва анҷом додани хизматрасониҳои алоқаманд ба онҳо оғоз аз соли 1999 пай дар пай ҳар се сол Барномаи миллии ҷавонон қабул ва амалӣ мегардад.

Дар давраи навбатӣ Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 амалӣ гардида истодааст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2012, №620 ба тасвиб расонида шудааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии Барномаи мазкур дар он аст, ки самтҳои муҳими он бо дарназардошти талабот ва зарурати вусъати фаъолияти соҳа тарҳрезӣ гардидаанд. Дар ин замина метавон масъалаи беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва рушди ҳаракати ҷамъиятии ҷавононро мисол овард.

Дар воқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае ҳаёту фаъолият доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёде низ садди роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшишу талошҳои муайян маҳз барои бартараф сохтани мушкилоти ҳаётии ҷавонон ба харҷ дода, баҳри рушду такомули онҳо мусоидат менамояд. Барномаи навбатӣ аз қабили ин тадбирҳо буда, бо дарназардошти талаботи замона, таҷрибаи пешрафтаи иқтисодию идоракунӣ, дастовардҳои илму техника, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлати соҳибистиқлол таҳия гаштааст.

Барномаи мазкур бо дарназардошти дастуру супоришҳои сарвари кишвар ва тавсияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва таҳрир гашта, ҳамаи қувва барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон равона мегардад.

Ҳадафи асосии Барнома, ин фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти муассир ҷиҳати худташаккулёбӣ, худамалигардонӣ, тарбия ва маърифатнокии комили ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон мебошад.

Самтҳои афзалиятноки Барнома бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва талаботи воқеии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир, ҳамчунин дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, тавасути татбиқи босамари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ба таври зайл муқаррар гардидаанд:

а) ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон;

б) рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон;

в) рушди саломатии ҷавонон;

г) мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон;

д) рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

е) такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ.

Зарурати ба тасвиб расонидани чунин як Барномаи маҷмӯӣ барои ҷавонон тақозои ҷомеаи муосир буда, дар шароити гузариш ва раванди тараққиёбии кишвар баҳри устуворӣ ва пояндагии ояндаи миллату давлати тоҷик асоси муносиб мегузорад.

Зарурати воқеии таҳия ва амалигардонии Барнома ба якчанд рукнҳои ҳаётӣ ва омилҳои дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ пайдогардида асос меёбад.

Дар ҷаҳони муосир бисёр кишварҳоро тамоюли пиршавии аҳолӣ таҳдид карда истодааст, ки боиси нигаронӣ гардидааст. Вале хушбахтона ин тамоюл нисбат ба Тоҷикистон ҷой надорад, чун он аз нигоҳи аҳолӣ ҷавон аст (70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд). Ҳамчунин, шахсони дорои қобилияти корӣ ва ё ҷавонони 14-30 сола дар тӯли 20 соли истиқлолияти давлатӣ то ба 60,3% афзоиш ёфтаанд ва теъдоди онҳо имрӯз 2 715 000 нафарро (35% аҳолӣ) ташкил медиҳад, ки инъикосгари ҷавон будани аҳолӣ мебошад.

Дигар масъалае, ки боиси ташвиши ҷаҳониён гардидааст, ин ҳамарӯза афзоиш ёфтани омилҳои номатлуб дар байни насли ҷавон, аз қабили ҳолатҳои террористӣ, экстремистӣ, ифротгароӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷинояткорӣ, хариду фурӯши инсон, танфурӯшӣ ва ғайра, ки ҳаёти ҷамъиятиро халалдор карда, ба амнияти миллию давлатӣ таҳдид мекунад, мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки аксариятро насли ҷавон ташкил медиҳад, ин масъала бояд дар мадди аввал қарор дошта бошад. Барои мисол, дар солҳои 2010 ва 2011 сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон то 21,6% ва дар байни ноболиғон 2,8%, ҳолатҳои нашъаҷалобӣ 10,6%, фоҳишагӣ дар байни духтарон 4,9% ва дар байни ноболиғон 31,6% афзоиш ёфтааст.

Дар ҷаҳони муосир дар шароити гузаштан ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ,ки аслан рушд додани имконоти техникии кишварҳоро тақозо мекунад, таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла сатҳи бо кор таъмингардии одамон танназул ёфта истодааст ва дар ниҳоят ба афзоишёбии сатҳи бекорӣ ва норозигии аҳолӣ боис гардидааст.

Дар шароити Тоҷикистон бошад, дар баробари таззодҳои технологияҳои иттилоотӣ, вазъи демографӣ низ, ки ба ҷавон будани аҳолӣ асос меёбад, ба зиёд гардидани мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла афзоиш

ёфтани сатҳи бекорӣ боис гардидааст. Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон дар соли 2011 28200 (58,6% аз ҳисоби умумӣ) ҳолатро ташкил дода, он нисбат ба соли 1991 3 маротиба зиёд гардидааст. Сатҳи зиёди бекорӣ ва бешуғлӣ дар байни ҷавонони 14-18 сола ҷой дорад. Дар соли 2011 31,2% бекоронро ҷавонони дорои маълумоти миёнаи нопурра ташкил додаст, ки он нисбат ба соли 2010 11% ва нисбат ба соли 1991 875% афзоиш ёфтааст.

Яке аз усулҳои тарбияи комили ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб, ин ба шуғл ва кор фаро гирифтани онҳо мебошад. Тибқи омори расмӣ ҳамагӣ 27,4% (738900) ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки барои ин ҳудудан 4000 муассисаҳои таълимӣ ташкил гардидаанд. Ҳамчунин, қариб 7000 ҷавонон дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Беш аз 4500 ҷавонон ба ҳайси хизматчии давлатӣ ва қисми муайян дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ фаъолият доранд. Дар бораи машғулияти дигар гурӯҳҳои ҷавонон маълумоти зарурӣ дастрас нагардид, ки дар ниҳоят аз теъдоди умумии ҷавонон тайи 55% онҳо бешуғл баҳогузорӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти вазъияти баамаломада (таҳлили боло) таҳия ва татбиқи Барномаи маҷмӯии давлатии махсусгардонидашудаи нақшавӣ ва бонизом барои ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ ба роҳ монда шудааст.

## ТАДБИРҲОИ МАҶМӮИ ВА СИСТЕМАНОК

### Дастгирии иҷтимоии ҷавонон

Сиёсати иҷтимоии ҷавонон, маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки ба таъминоти иҷтимоии ҷавонон, мутобиқат ба бозори меҳнат, таҳсилот, беҳдошти вазъи саломатӣ, камолоти комил ва эмин нигоҳ доштани (пешгирии) насли ҷавон аз хатари рафтору кирдорҳои номатлуб равона гардидааст.

Рафтору кирдорҳои номатлуб маҳз дар ҳамон қишри ҷавононе дида мешавад, ки қобилияти тобоварӣ, яъне, дурӣ ҷустан ё малакаи худмуҳофизиро нисбат ба онҳо надоранд. Сабаби ин тамоюлнокӣ, пеш аз ҳама каммаълумотӣ ва камфаъолии насли ҷавон нисбат ба пешгирии ин омилҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин шахсӣ мебошад.

Дигар мушкилоти иҷтимоӣ, ки ҳаёти насли ҷавонро халалдор намудааст, ин камфаъолии иқтисодии худи онҳо мебошад. Насли ҷавони имрӯза дар рӯҳияе ба камол расидааст, ки даринтизории ҳамешагӣ ба чизе мебошад. Вале, ҷомеаи муосир тақозо бар он дорад, ки ҳар як шахс, хоҳ хурд, хоҳ калон, бояд доимо дар мубориза ба тазодҳои ҳаётӣ, аз худ кардани илму касб ва худташаккулёбӣ бошад.

Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои худташаккулёбӣ ва худамалигардонии ҷавонон, дастгирии наврасон ва ҷавонони ниёзманд ва танзими муносибатҳо ва харҷҳо ҷиҳати рушди иқтисодиёти ҷавонон ва бар ин васила мусоидат намудан ба беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонон мувофиқи мақсад аст.

Дар баробари ин, дастгирии иҷтимоии қишрҳои ниёзманди насли ҷавони кишвар дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон амалӣ мегардад.

Чун анъана, бахшида ба маросимҳо ва санаҳои таърихӣ, аз ҷумла Соли нав, Рӯзи Модар, Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ, Наврӯзи байналмилалӣ, Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Идҳои Рамазон ва Қурбон, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Парчами давлатӣ ва Рӯзи Сарқонун дар кишвар садҳо чорабиниҳои хайриявӣ, аз қабили туйҳои намунавии хонадоршавии ҷавонон ва хатнасур барои кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, кӯмакҳои моддӣ (сару либос,

ҷиҳози мактабӣ, маводи хӯрока ва ғайра) ба хонаҳои кӯдакон ва мактаб-интернатҳо баргузор мегарданд, ки дар натиҷа давоми ҳазорон ниёзмандони наврасу ҷавон дастгирӣ меёбанд.

**Марказҳои ҷавонон**

Зарурати ташаккул додани марказҳои ҷавонон дар кишвар пеш аз ҳама ба ҷавон будани Тоҷикистон аз нигоҳи аҳолӣ арзёбӣ мегардад. Чун ҷавонон зиёданд барои онҳо ҷиҳати тарбияи комил ва мусоидат ба худташаккулёбӣ ва худамалигардӣ фароҳам овардани шароити мусоид зарурат пайдо мекунад. Бахусус масъалаи машғул гардонидани ҷавонон ба такмили дониш, малака, касбомӯзӣ, эҷодкорӣ, ташкили фароғат, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғайра мувофиқи мақсад аст.

Тибқи омори расмӣ 70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд. Ҷавонон бошад, ки тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ синнусоли онҳо 14-30 сола муқаррар гардидааст, 35% аҳолӣ 2,8 ҳазор нафар мебошанд[1]. Аз ин теъдод 55% ҷавонон ба шуғл (таҳсил, меҳнат, варзиш ва ғайра) фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, тибқи таҳлилҳои таҳқиқотӣ 67% муҳоҷирони меҳнатиро ҷавонони 18-29 сола ташкил медиҳад[2], ки он аз ҳисоби умумии муҳоҷирати меҳнатӣ (750 ҳазор)[3] 502,2 ҳазор ва ё 18,5% мебошад. Ин омил идома дошта, ҳамасола баҳамин сурат ва ҳатто дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Дар ҳамин асно, ташкили хадамоти гуногуни иҷтимоию фароғатӣ барои ҳарчи бештар фаро гирифтани ҷавонон аз бекоргардию оворагардӣ ва

---

[1]Ҷавонон – шахсони 14-30 сола

[2] Маҷмӯаи маводи мизи мудаввар «Таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикикстон», Душанбе, 2009

[3]Омори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

эмин нигоҳ доштани онҳо аз ҳар гуна омилҳои номатлуб ба вуқӯъ мепазирад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар кишвар имрӯз баҳисоби умумӣ53 марказҳои ҷавонон таъсис ёфтаанд. 83,3% бинои марказҳо моликияти коммуналӣ\мақомоти маҳаллӣ мебошад. Бо сабабҳои дастгирии сусти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмирталабу ниёзи таҷҳизоти корӣ доштан, 43,9% марказҳо камфаъоланд ва ё фаъолият надоранд.

Аз ин 34 марказҳои ҷавонон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва бе мақоми ҳуқуқӣ фаъолият доранд. Марказҳои ҷавононе, ки дар шакли ҳуқуқӣ фаъолият доранд, инҳоянд:

- КВД «Маркази ҷавонон дар ноҳияи Данғара»
- КВД «Маркази ҷавонон дар ҷамоати Дурбати ноҳияи Ҳисор»
- КВД «Маркази ҷавонон дар ҷамоати Чоркӯҳи шаҳри Исфара»
- МД «Маркази ҷавонони шаҳри Кӯлоб»
- МД «Маркази ҷавонон дар ВМКБ»
- МД «Маркази ҷавонон дар шаҳри Хуҷанд».
- КВД «Маркази ҷавонон дар шаҳри Душанбе» ва ё Маркази миллии имконоти ҷавонон;
- КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»
- КВД «Биржаи меҳнати ҷавонон»
- КВД «Клуби соҳибкорони ҷавон»
- КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно»

Марказҳои ҷавонон, аз ҷумла КВД ва МД ба дастовардҳои зиёд ноил гардидаанд.

Дар заминаи тамоми марказҳои ҷавонон дар кишвар марказҳои омӯзиши компютерӣ, интернетӣ, забонҳои хориҷӣ, аз қабили русӣ, англисӣ ва ғайра, дӯзандагӣ, кандакорӣ, соҳибкорӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, семинарҳо, мулоқотҳо, машвартҳои ҳуқуқию психологӣ, хадамоти телефони боварӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Хизматрасонии марказҳо, аз ҷумла давраҳои омӯзишӣ дар ду шакл сурат мегиранд, яке бепул, дигаре ба таври имтиёзнок. Давраҳои омӯзишии бепул барои ҷавонон аз оилаҳои камбизоат ва ҷавонони осебпазир, аз қабили маъюбон, оворагардон, бепарасторон ва ғайра ташкил карда мешаванд. Давраҳои пулакӣ бошад, барои қишрҳои ҷавони дорои имконияти иқтисодӣ бо дарназардошти 30-50% арзон аз бозори дохилӣ нисбат ба шакли хизматрасонии алоқаманд, амалӣ гардонида мешавад.

Дар доираи фаъолияти Кумита чунин навъи хадамот, оғоз аз соли 2005 амалӣ гардида истодааст ва ҳамасола афзоиш меёбад. Барои мисол, дар соли 2011 давраҳои омӯзишии алоқамандро 1600 нафар бо малакаи забонҳои хориҷӣ, 800 нафар бо малакаи дӯзандагӣ ва 370 нафар бо малакаи соҳибкорӣ хатм намуданд.

Дар баробари ин, доираи соҳибкорӣ низ ҳамасола ҳазорон наврасону ҷавононро бо омӯзиши малакаҳои компютерӣ, забонҳои хориҷӣ ва дӯзандагӣ фаро мегиранд. Ба ин қабил хадамоти соҳибкорӣ, марказҳои забономӯзӣ ва компютерии ғайридавлатӣ дохил мешаванд. Теъдоди чунин хадамоти соҳибкорӣ низ ҳамасола афзоиш ёфта истодааст, ки манфиатбахши соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва ҷомеа аст.

**Дастгирии давлатии ҷавонони соҳибистеъдод**

Миллати тоҷик аз қадимулайём миллати эҷодкор ва истеъдодпарвар шинохта шудааст ва саҳми он дар бунёди ҷомеаи ҷаҳонӣ ногузир аст. Бахусус саҳми фарзандони миллат дар ташаккулёбии илмҳои риёзӣ,

тиб, нуҷумшиносӣ (астрономия), адабиёт, санъат ва кимиё дар ҷаҳон ҳануз аз асрҳои IX-X гузошта шудааст. Фарзандони тоҷик дар риштаи риёзиёт Умари Хайём, дар риштаи тиб ва кимиё Абуалӣ ибн Сино, дар риштаи нуҷумшиносӣ Абурайҳони Берунӣ ва дар риштаи адабиёт ва санъат Абуабдуллои Рудакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва ғайра саҳми арзанда гузоштаанд ва имрӯз ҷаҳон барои онҳо пуштибон аст. Бахусус Сино созандаи илми тиб мебошад, ки ба шарофати он имрӯз соҳаи тиб бо истилоҳи «Медицина» бо забони русӣ ва ё «Medicine» бо забони англисӣ машҳур аст, ки маънои аслии он бо забони аслӣ, яъне тоҷикӣ «Мадади Сино» мебошад.

Дар ҳамин радиф дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидааст ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» муқарраároти махсус дар моддаи алоҳида «Дастгирии эҷодкориҳои ҷавонон» оварда шудааст.

Асосан эҷодкориҳои ҷавонон дар доираи барномаҳои давлатии соҳаи кор бо ҷавонон, аз қабили Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон», Барномаи рушди саломатии ҷавонон ва Барномаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон мунтазам дастгирӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин, бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод, бахусус олимон ва муҳақиқони ҷавон дар ҷумҳурӣ ташаббусҳои миллӣ, аз қабили Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, Ҷоизаи Кумита барои муҳаққиқони ҷавон ва Стипендияи Президентӣ барои хонандагон ташкил гардидааст, ки ҳамасола садҳо ҷавонон аз онҳо бархурдор мегарданд.

**Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон**

Дар даврони 20 соли Истиқлолияти давлатӣ яке аз дастовардҳои муҳим ин ташаккул ёфтани механизми ҳавасмандӣ ва дастгирии олимони ҷавон дар соҳаи илму техника мебошад, ки он бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ сазовор гардонидани олимони ҷавон, ки корҳои беҳтаринро дар соҳаи илму техника анҷом додаанд, инъикос меёбад.

Мақсади асосии Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар баробари дастгирии олимони ҷавон ин дарёфти истеъдодҳои нав ва мусоидат ба амалигардонӣ ва ё муаррифии корҳои илмии беҳтарини анҷомдода дар шароити ҷомеаи муосир мебошад.

Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ ба шарафи пешвои нахустдавлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ таъсис ёфтааст ва он дар баробари дигар ҷоизаҳои давлатӣ мавқеъи хосаро ишғол намудааст, чун он хусусияти миллӣ касб кардааст ва ҳамасола дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ба миқдори 6 адад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷоизадорони ҷавон супорида мешавад.

Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1998, №967 барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илму техника корҳои намоён анҷом додаанд, таъсис дода шудааст. Барои ин мақсад 6 (шаш) адад ҷоиза ташкил гардида, ҳар кадом ба маблағи 500 каратаи андозаи маоши ҳадди ақал, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, муқаррар гардида буд. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2006, №1768 маблағи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ баробар ба 2000 (ду ҳазор) доллари ИМА муайян гардид.

Ҳамчунин, ҷиҳати танзими фаъолият дар ин самт Низомнома дар бораи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати

ҶумҳурииТоҷикистон аз 3 августи соли 1998, №301 тасдиқ карда шуд. Ба қарори мазкур соли 2013 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.06.2013, №260).

Ҷоиза аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонҳамасола тариқи озмун ташкил карда мешавад. Барои таъмини шаффофият дар кори озмуни ҷоиза ҳар сол Комиссия дар ҳайати олимони варзида, аз қабили академикҳо, профессорон ва намояндагони масъули мақоми ваколатдори давлатии соҳа таъсис дода мешавад.

Дар баробари дарёфти Ҷоиза ҷоизадорон ҳамчунин, имкон пайдо мекунанд, ки эҷодиёти худро дар шакли китоб ва ё дастурҳои илмӣ-методӣ чоп кунанд ва онро дар амал татбиқ намоянд.

То имрӯз тибқи тартиби муқарраргардида 119 олимони ҷавон сазовори ҷоизаи И.Сомонӣ гардиданд, ки корҳои анҷомдодаи онҳо дар амал ва ба манфиати ҷомеа қарор доранд.

**Ҷоизаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳақиқони ҷавон**

Чун Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори таъсиси ҷоизаҳо ҷиҳати ҳавасмандии ҷавонон дар ҷоддаи илму маърифат мебошад, дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкили Ҷоизаи номиро низ дар доираи татбиқи Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон” иқдом кардааст.

Дар ҳамин асно, бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии эҷодиёти соҳибистеъдодҳои ҷавон, адибон, рӯзноманигорон, рассомон, бастакорон, режиссёрон, меъморон ва санъаткороне, ки дар рушду такомули соҳаи худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштаанд, ҳамасола озмуни ҷоизаиКумитаи

ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат ва меъморӣ баргузор мегардад.

Ҷоизаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонмутобиқиқарори Коллегияи собиқ Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 октябри соли 1999 №1 «Дар бораи таъсис додани ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон дар соҳаи адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат ва меъморӣ» аз соли 2000 инҷониб 6 (шаш) ҷоиза дар соҳаи адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат ва меъморӣ таъсис дода шуд.

Тибқи Низомнома ҳар кадом ҷоиза ба маблағи 35 каратаи андозаи маоши ҳадди ақал, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, муқаррар гардидааст. Ҷоизаҳо барои фаъолияти пурсамари эҷодӣ ба адибон, рӯзноманигорон, рассомон, бастакорон, режиссёрон, меъморон ва санъаткороне, ки дар рушду инкишофи соҳаи худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштаанд, дар 1 сол як маротиба дода мешавад.

**Стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Яке аз механизмҳои дигари ҳавасмандӣ ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон ин таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти ҳамагонӣ ва омӯзишгоҳҳои касбии ибтидоӣ ва миёна мебошад.

Стипендияи мазкур стипендияи муқаррарӣ набуда, ба системаи маориф ҳамбастагии бевосита надорад ва он нишондиҳандаҳои махсуси худро дорад, ки аз мадди аввал на сатҳи дониш, балки фаъолнокии шахси ҷавонро дар ҳаёти ҳамарӯза, аз ҷумла иштироки ӯро дар корҳои ҷамъиятӣ ва ниҳоди ватандӯстона баҳогузорӣ менамояд.

Стипендияи Президентӣ бо мақсади фаъолгардонии насли ҷавони кишвар аз ҷониби собиқ

Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 феврали соли 1998 №949 «Дар бораи таъсис додани стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва коллеҷҳо» таъсис дода шудааст.

Сараввал Стипендия барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва коллеҷҳо, яъне то соли 2005 бо теъдоди 100 адад, ҳар кадом ба андозаи 5 – каратаи маоши ҳадди ақал пешбинӣ шуда буд, сипас дар натиҷаи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷавонони кишвар 21 майи соли 2005 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2005 №1573 теъдоди он ба 300 адад расонида шуд, ки ин теъдод аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мегардад.

Бо мақсади танзими фаъолият дар ин самт бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №283 «Оид ба Низомномаи стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва коллеҷҳо» Низомномаи Стипендияи Президентӣ тасдиқ гардид, ки он механизми татбиқи Стипендияи Президентиро ташкил намуд.

Стипендияи Президентӣ тавассути озмун ташкил карда мешавад. Комиссияи озмунӣ дар ҳама сатҳҳо, ноҳиявӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил карда мешавад. Қарори дахлдор (ниҳоӣ) оид ба сазовор гардонидани довталаби муносиб ба Стипендияи Президентӣ бо дарназардошти қарорҳои комиссияҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ қабул карда мешавад.

Мӯҳлати Стипендия барои нӯҳ моҳи соли таҳсил муқаррар гардида, маблағи он барои як моҳ/нафар дар соли ҷорӣ 378 сомониро ташкил медиҳад ва он ҳамасола тариқи ташкили озмун барои беҳтаринҳо сазовор гардонида мешавад.

**Стипендияҳои расиони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони воқеъӣ**

Дар баробари ин ва дар пайравӣ ба ташаббуси Президенти кишвар, раисони шаҳру ноҳияҳо таъсис додани стипендияҳои номиро иқдом карданд, ки дар натиҷа ҳазорон ҳавасманд гардонида шуданд. Ҳамчунин, дар пайравӣ ба иқдоми сарвари ҷумҳурӣ, шахсони воқеъӣ, роҳбарони хоҷагиҳо ва соҳибкорон таъсис додани стипендияҳои номиро ташаббус карданд.

Вақтҳои аввал дар татбиқи ин иқдом мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон дар маҳалҳо душворӣ мекашиданд, чун на ҳама моҳияти ин ташаббусро ба хубӣ дарк карда метавонист.

Ҳамин тариқ, соли 2002 теъдоди стипендияҳои маҳаллӣ ба 1320 адад расид, ки маблағи он 64 ҳазор сомониро ташкил дод. Соли 2013 бошад, ин таносубият ба 3500 адад расида, маблағи он 1,5 миллион сомониро ташкил дод, ки дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳавасмандгардонии ҷавонон дар таҳсил ва фаъолнокӣ дастоварди назаррас аст.

**Дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон**

Дар шароити Тоҷикистон бо дарназардошти урфу одатҳо ва анъанаҳои миллӣ барпо намудани оила ҳамаҷониба пазируфта мешавад, аз ҷумла аз ҷониби волидон тамоми корҳо барои хонадор намудани фарзанд амалӣ гардонида мешуд ва мешавад. Вале бо дарназардошти шароити ҷомеаи муосир иқтидорнокии урфу одатҳо ва ё имконоти волидон то фарзанддор шудани оилаи ҷавон мерасаду халос. Сипас масъалаи мустақилияти оила баррасӣ мегардад, ки аллакай хело

дер мешавад, чун барои барпо кардани оила харҷи зиёд карда шудааст ва шароити имрӯза, бахусус имконоти зеҳнию ақлонӣ ва қобилиятнокии шахсони навхонадор низ ба мустақил шудан намерасад.

Бо дарназардошти ҳамин нобаробарӣ ва дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон масъалаи дастгирии оилаҳои ҷавон мавқеъи хоса пайдо кардааст. Аз ҷумла, дар доираи татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, аз қабили Барномаи маҷмӯӣ ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон чорабиниҳои махсус вобаста ба дастгирии оилаҳои ҷавон мунтазам амалӣ гардонида мешавад.

Дастгирии оилаҳои ҷавон, аз қабили кӯмаки молиявӣ ва моддӣ, ташкили тӯйю маъракаҳо, хатнасур, таъмини қаитъаи замин барои сохтмони манзил, омӯзиши малакаҳои ҳаётӣ, забономӯзӣ, касбомӯзӣ, ба кор таъмингардӣ ва ғайра расонида мешавад.

Барои мисол дар соли 2011 дар доираи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 7 оилаҳои ҷавон бо кӯмаки пулӣ дастгирӣ карда шуданд. Ҳамчунин, бо ташаббуси сохторҳои кор бо ҷавонон барои хонадории 12 ҷавонон тӯйи арусӣ ва барои 40 наврасон хатнасур ташкил карда шуд.

Вобаста ба татбиқи дастуру супоришҳои Президенти кишвар дар натиҷа аз мулоқот бо ҷавонон 21 майи соли 2005 аз ҷониби Кумита лоиҳаи озмоишии Барномаи дастгирии оилаҳои ҷавон барои таъмини манзил таҳия гардида, барои татбиқ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе пешниҳод гардид.

Дар ҳамин асно аз 22 июни соли 2006 №292 бо қарори Маҷлиси маҳаллии вакилони халқии шаҳри Душанбе Барномаи дастгирии оилаҳои ҷавон барои таъмин бо манзил тасдиқ гардид.

Вобаста ба татбиқи Барномаи иброзгардида, дар шаҳри Душанбе маҷмӯи манзилии ҷавонон иборат аз 8 хонаи бисёрошёнаи 9 қабата сохта шуд.

Бо мақсади дастгирии оилаҳои ҷавон, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони манзил аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва заминҳои навбунёд, ки ба шароити зист мутобиқ кунонида шудааст қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул гардид, ки то имрӯз садҳо оилаҳои ҷавон дар натиҷаи татбиқи ин қарор баҳравар гардиданд.

Ҳамчунин, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тӯли солҳои охир, аз ҷумла давоми солҳои 2009-2011[4] 25719,17 гектар қитъаҳои замин барои сохтмони манзил ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҷудо ва таъмин карда шуд. Мутобиқи муқаррароти қабулгардида ба ҳар як оилаи ҷавон, ки аз оилаи серфарзанд мебошад, ба миқдори 0,6 гектар қитъаи замин барои сотмони манзили истиқоматӣ ҷудо мегардад. Ҳамин тариқ, қитъаҳои ҷудогардида барои 42865 оилаҳо, аз ҷумла оилаҳои ҷавон барои сохтмони манзил таъмин гардид.

Новобаста аз норасоии маблағгузорӣ дастгирии оилаҳои ҷавон оид ба таъмини манзил дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон низ мунтазам амалӣ гардонида мешавад. Ҳамасола вобаста ба имконот тибқи дархостҳо оилаҳои ҷавон (аз ҷумла, аз гурӯҳи хизматчиёни давлатӣ) барои сохтмони манзил ва ё иҷораи манзили истиқоматӣ, ҳамчунин харидории таҷҳизоти рӯзғор дастгирӣ карда мешаванд.

Ин механизмест, ки аллакай ташаккул ёфтааст, қадамҳои дигар рушд додани он тавассути ҷалби кифояи маблағгузорӣ мебошад. Итминон дорем, ки бо мурури баланд гардидани сатҳи иқтисодиёти кишвар, ҳамзамон зиёд гардидани маблағгузории Барнома механизми мазкур дар сатҳи зарурӣ табиқ хоҳад ёфт.

---

[4] Мутобиқи ахбороти Кумитаи заминсозӣ ва гиодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаи таъмини манзил ба оилаҳои ҷавон дар қонунгузории соҳаи кор бо ҷавонон ба таври возеҳ нишон дода шудааст, ки он имконият медиҳад то тамоми тадбирҳо ҷиҳати беҳдошти вазъи манзилии оилаҳои ҷавон андешида шаванд.

**Рушди имконоти ҷавонон барои такмили дониш**

Воқеан аз давраи пайдоиши инсоният илму маърифат ва донишандӯзӣ дар пойдории ҳаёт ва рушди муносибатҳо мақоми хоса пайдо кардааст. Дар урфият низ гуфтаанд «Аз гавҳора то ба гӯр илм!». Яъне, тамоми ҳастии инсоният маҳз бо илму маърифат ва дониши қазоӣ дар ҷаҳони имрӯза арзёбӣ мегардад.

Новобаста аз он ки ҳазорсолаҳо одамон мубориза мебурданд ва сарварони камсавод қувваи ҷисмониро аз қувваи назариявӣ-илм пештар мегузошт, олимону муҳаққиқонро ва эҷодиёти онҳоро нобуд месохтанд, вале илм ғолиб омад ва он имрӯз ҳукмрон аст. Аз зулмгарону ситамгарон бар ҷузъ номи бад, чизе боқӣ намонд, вале аз олимони маъруфон ва сарварони маъруф ҳам ном ва ҳам эҷодиёт боқӣ монд, ки ҳазорсолаҳо ба ҷомеа хизмат расонида истодаанд.

Имрӯз маҳз илм аст, ки барои инсоният мушкил осон, дур наздик, номумкин мумкин ва ғайриимкон имконпазир гардидааст.

Дар ҳамин асно яке аз принсипҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ин рушди маънавии ҷавонон, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва шаҳрвандии онҳо муқаррар гардидааст.

Зарурат бар татбиқи ин принсипи фаъолият дар он аст, ки танҳо як системаи маориф имкони таъмини дониши қазоиро ба насли ҷавон, бахусус дар шароити ҷомеаи муосир надорад. Ҷомеаи муосир онро тақозо менамояд, ки сатҳи дониши шахс ҳамқадам бошад, яъне дилхоҳ нафар, хоҳ хурд хоҳ бузург худшинос бошад, иқтисодиётдон бошад, малакаи кор дар дастгоҳҳои компютерӣ ва алоқаи фосилавӣ (телефони мобилӣ) ва

интернетро донад, дилхоҳ як забони хориҷии дар ҷаҳон пазируфташударо донад ва ғайра.

Имрӯз дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон барои дастрасии насли ҷавони кишвар ба донишандӯзии муосир, бахусус такмили дониш оид ба кор дар дастгоҳҳои компютерӣ, шабакаи интернетӣ ва забодонӣ мунтазам тадбирҳо амалӣ гардида истодааст.

Бо ин мақсад, дар ҷумҳурӣ 53 марказҳои ҷавонон, марказҳои омӯзиши забонҳо, компютерӣ, интернетӣ, дузандагӣ ва ғайра фаъолият доранд, ки ҳамасола садҳо ҷавононро фаро мегиранд.

**Квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонони аз оилаҳои камбизоат ва ноҳияҳои дурдаст**

Бо дарназардошти маҳдудияти имконоти қисми муайяни ҷавонон, бахусус духтарон ба донишандӯзӣ, аз ҷумла маълумоти олии касбӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ва бо иқдоми бевоситаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон соли 1997 квотаҳои Президентӣ таъсис дода шуд.

Боиси хушнудист, ки аз соли 2005 бо ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон квотаи Президентӣ ҳамчунин барои писарони лаёқатманд, ки мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, аз фанхои алоҳида дорои лаёқати махсус мебошанд, ҷудо гардид. Мақсад аз ин иқдом ин аз байн бурдани омилҳои номатлуб миёни ҷавонон ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад.

Дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ тавассути квотаи Президентӣ тариқи сӯҳбат сурат мегирад, яъне ҳар нафаре маълумоти ҳадди ниҳоӣ дошта бошад, метавонад дохил шавад.

Дар солҳои 1997-2014 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибки квотаи Президентӣ 14718 нафар донишҷӯён дохил шудаанд, ки аз онҳо қисми зиёдашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар ин муддат

9 нафар рисолаи илмии худро ҳимоя кардаанд. Танҳо дар се соли охир аз ҳисоби квотаи Президентӣ 2603 нафар дар маҳали истиқомат ба кор фаро гирифта шудаанд.

Дар ҳамин радиф қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006 №58 «Дар бораи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» ва аз 3 апрели соли 2006 №137 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид ва теъдоди квотаҳои муқаррааргардида аз 300 ба 1000 адад расонида шуд. Имрӯз теъдоди квотаи Президентӣ барои қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҷавонони аз оилаҳои камбизоат 1200 ададро ташкил медиҳад.

**Маҳфилҳои ихтиёриёни/волонтёрони ҷавон**

Ҳаракати волонтёрӣ барои ҷомеаи муосир падидаи нав нест, вале усулҳои амалисозӣ, таъсирбахшӣ ва ҳадафмандии он равандҳои нав касб кардааст.

Фаъолияти волонтёрӣ, яке аз навъҳои фаъолияти хайрхоҳонаи муосир буда, дар ҷаҳон, ҳамчунин дар Тоҷикистон дар давраи гузариш ба вуҷуд омадааст.

Солҳост, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ихтиёрӣ амал мекунад, аммо дар шаклҳои гуногун. Вақте, ки як нафар мӯҳтоҷи ёрӣ мешавад, фавран ба вай кӯмаки муносиб расонида мешавад ва ё агар дар ягон деҳа ягон шахс ба сохтмони хонааш шурӯъ кунад, тамоми истиқоматкунандагони деҳа ба кӯмаки ӯ ба таври «Ҳашар» ҳозир мешаванд.

Ҳамчунин, фаъолияти волонтёрӣ дар шакли Ҳашар дар таърихи Тоҷикистон мавриди сохтмони дарёи Вахш солҳои 30-уми асри гузашта истифода

гашта буд, ки дар он марду зан ва пиру ҷавон иштирок карда буданд.

Имрӯз волонтёрӣ тамоман як шакли дигар дошта, аз рӯи намуди ёрӣ дастрас ва васеъ мебошад. Он бештар барои дастгирӣ ва ба бартараф кардани мушкилоту ниёзҳои оммавӣ ва ҷамъиятию давлатӣ равона гаштааст.

Самтҳои фаъолияти волонтёрӣ гуногун мебошанд ва дар бисёр кишварҳо ба таври хос ба роҳ монда шуддаст, вале дар баробари ин самтҳои муайяни волонтёрӣ низ дар тамоми ҷаҳон дар як васл истифода мегарданд. Чунин намудҳо волонтёрӣ бештар ба самти варзиш рабт дода мешавад.

Барои мисол, хизматрасонии волонтёрӣ дар риштаи варзиш оғоз аз соли 1952 ба таври васеъ мавриди ташкили Бозиҳои олимпӣ истифода мегардад. Дар ҳамин сол дар Хелсинк 2191 волонтёр ҷалб гашта буд. Ин рақам соли 1996 60000 дар Атланта, соли 2008 500000 дар Пекин ва соли 2013 25000 волонтёрро дар Сочӣ ФР ташкил медиҳад.

Умуман суръати ҳаракати волонтёрӣ дар ҳоли афзоишёбӣқарор дорад. Соли 1987 теъдоди умумии волонтёрон дар ҷаҳон 80 млн. нафарро ташкил дода, он то соли 1998 ба 109 млн. нафар расидааст. Аз ин шумора 77,5% теъдоди волонтёрон ба ИМА рост меояд.

Дар ИМА имрӯз 62 млн. волонтёрон фаъолият менамоянд, ки 13,7% аҳолии ин кишварро ташки медиҳад[5]. Теъдоди волонтёрон дар Канада бошад 12 млн. нафарро ташкил медиҳанд, ки 34,2% аҳолии ин кишварро ташкил медиҳанд.

Яъне, ҳаракати волонтёрӣ дар ҷаҳони муосир ба касб табдил дода шудааст.

Шахсони зиёд иштирок дар ҳаракати волонтёриро ба хайрхоҳӣ ва такмил додани таҷриба ва малакаи тахассуси рабт медиҳанд. Яъне, дар шароити муосир

[5] http://www.bls.gov/news.release/volun.nr0.htm

волонтёрӣ на танҳо хайрхоҳӣ, балки майдони тақвият додани дониш ва малакаи кории касбӣ ва таҷрибаомӯзӣ мебошад.

Дар Тоҷикистон, ки 70% аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, татбиқи ин механизм тадбири саривақтист. Дар замони ҷомеаи муосир муносибат ва рафтори мо нисбат ба насли ҷавон бояд махсус бошад. Чӣ хеле, ки маълум аст, имрӯз яке аз чунин муносибатҳо, ки рушди ҳаматарафаи ҷавонон ва истифодаи иқтидори онҳоро таъмин менамояд, ин ҳаракати ихтиёрӣ мебошад, ки чӣ аз лиҳози иқтисодӣ ва чӣ аз лиҳози иҷтимоӣ барои ҷамъият манфиатнок ва дастрас мебошад.

Дар Тоҷикистон миёни ҷавонон аввалин маротиба ҳаракати ихтиёриён соли 2000 ба фаъолият шурӯъ намуд. Ташаббуси аввали онҳо ба самти тарзи ҳаёти солими ҷавонон равона шуда буд.

Айни замон волонтёрон фаъолияти хешро ба самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аз ҷумла, пешгирии бемориҳои сироятӣ, тарзи ҳаёти солим, банақшагирии оила, экология, муҳити зист ва ғайра равона месозанд.

Ҳамин тавр, дар кишвар 3 гурӯҳи ҳаракати волонтёрон амал менамоянд.

**Гурӯҳи якум**, ин волонтёроне, ки аз ҳисоби ҷавонони фаъоле, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд ва ҷавонони бешуғл аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» оид ба масъалҳои пешгирии бемориҳои сироятии ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва сироятии ҷинсӣ фаъолият доранд.

**Гурӯҳи дуюм**, ин волонтёрон - дружиначиён, ки аз ҳисоби донишҷӯёни муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла варзишии кишвар, ки барои кӯмак ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмин кардани бехатарӣ дар рӯзҳои ҷашнҳо ва ё санаҳои таърихӣ, роҳпаймоиҳо, бозиҳо ва мусобиқаҳои варзишӣҷалб карда мешаванд ва ғайра. Ин гурӯҳро «Дружиначиёни ихтиёрӣ» меноманд.

**Гурӯҳи сеюм**, ин «Ихтиёриён», ки ихтиёран ба сафи Қувваҳои Муссалаҳи кишвар шомил мегарданд. Ин гурӯҳи ҷавонон, асосан аз ҳисоби синфҳои болоии мактабҳои миёна, ҷавонони 15-17 сола ҷалб карда мешаванд. Барои ин гурӯҳи ҷавонон дар вақти адои хизмат дар сафи Қувваҳои Муссалаҳ Барномаи махсус «Ихтиёриён», ки дар доираи он сислсила чорабиниҳои маърифатӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ доир карда мешванд, амалӣ мегардад.

Новобаста аз мувафақиятҳои ноилгардида, ҳаракати волонтёрӣ дар Тоҷикистон ташаккулёфта ҳисоб намегардад, зеро он ба системаи муайянгардидаро соҳиб намебошад. Дар баробари ин, сатҳи маълумотнокии намояндагони институтҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар накш ва аҳамиятнокии фаъолияти волонтёрӣ дар ҷомеа дар сатҳи паст қарор дорад, ки ин барои рушди система монеа эҷод мекунад.

Хушбахтона соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи волонтёрӣ» қабул гардид, ки он низ ташаккули система ва ё механизми амалисозиро талаб менамояд.

20 феврали соли 2014 бо иштирок ва муассисии Иттиҳоди ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, ки дар он 110 ташкилотҳои кор бо ҷавонон аъзо мебошанд, ташкилотҳои ҷамъиятии «Ҷавонони ташаббускори Тоҷикистон», «Насли ҷавони Тоҷикистон», «Сайёраи умед» (Ёвон), «Имрон» (Кӯлоб), «Умедвор» (Хуҷанд), «ШОТО» (Исфара) ва «Ҷавонони асри нав» Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон таъсис дода шуд. Мақсади таъсиси Ассотсиатсия ин беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дастрасии гурӯҳҳои осебпазир ба таҳсилот, саломатӣ ва таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ ва мусоидат барои иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар демократикунонии ҷомеа бо роҳи рушди ҳаракати волонтёрӣ дар кишвар мебошад.

Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ” бо ташаббуси Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон аз 12 то 28 майи соли 2014 дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Рашт, Хоруғ ва Хуҷанд бо ҷалби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, занон ва оила, телевизион ва радио, дин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мудирони бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ семинарҳои минтақавӣ дар самти ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ баргузор гардид.

**Хадамоти «Телефони боварӣ» барои наврасон ва ҷавонон**

Дар самти татбиқи принсипҳои хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон, ки он аз таъмини хизматрасонӣ ба ҷавонон бо дарназардошти махфият (марҳамона), боварӣ, ихтиёрӣ ва баробарӣ иборат мебошад, дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2005 дар доираи Барномаи рушди саломатии ҷавонон нисбат ба ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир хадамоти «Телефони боварии ҷавонон» таъсис дода шуд. Кори хадамоти мазкур дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ, тиб ва ҳуқуқ, ҳамчунин соҳаи кор бо ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Ҷавонон ба ин Хадамот одатан бо мушкилоти ҳаётӣ муроҷиат кардаанд, ки муҳимтарини онҳо аз масъалаҳои хуб набудани муносибат бо волидон, муноқишаҳо бо шахси дӯстдошта ва масъалаи сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда иборат мебошад. Чунин хадамоти «Телефони боварӣ барои ҷавонон» дар заминаи ташкилоти ҷамъиятии «Зӯҳро» низ таъсис ёфтааст, ки мунтазам мутахассисони он ҳам ба таври

ғоибона ва ҳам шифоҳӣ бо ҷавонони ниёзманд кор мебаранд.

Ҳамчунин, бо мақсади дастрасии наврасону ҷавонон ба иттилооти муассир фаъолияти Хадамоти «Телефони боварии ҷавонон» дар ниҳоди Маркази миллии имконоти ҷавонон устувор гардонида шуд.

Ташкили чунин навъи хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки наврасон ва ҷавонон бемамониат, бахусус бо пинҳон доштани ному насаби аслии худ вобаста ба мушкилоти ҳаётӣ муроҷиат намуда, ба хизматрасонии алоқаманд таъмин гарданд.

**КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»**

Чун Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ҷумҳуриявии ваколатдори давлатӣ масъули ҳамоҳанг сохтан, танзим, ташкили корҳои методӣ ва назариявӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, зарурат бар он ба вуқӯъ омад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳалҳо сохторҳои дар амал татбиқкунандаи сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёбанд. Аз ҷумла, сохторҳои тамоюлноки ҷумҳуриявӣ вобаста ба татбиқи афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон таъсис дода шуданд.

Ҳамин тариқ, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609, замимаи 4 сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва ё ташкилотҳои системаи Кумита иборат аз 21 воҳид таъсис дода шуданд, ки 5 воҳид, аз ҷумла Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» барои амалисозии афзалиятҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардиданд.

КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» аз ин гузашта аз соли 1998 инҷониб фаъолият менамуд ва ҳамчун Маркази ҷумҳуриявии

иттилоот ва тамоюли ҷавонон «САМТ» шинохта мешуд. Яъне, дар баробари ташаккул ёфтани мақомоти давлатии ваколатдори соҳаи кор бо ҷавонон сохторҳои тамоюлноки ҷумҳуриявӣ барои корҳои амалӣ таъсис ёфтаанд.

Фаъолияти асосии Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон ба татбиқи ҷанбаҳои иттилоотӣ ва тамоюлнокии ҷавонон дар ҷумҳурӣ мебошад. Бо ин мақсад корхонаи мазкур то имрӯз мунтазам чорабиниҳо, аз қабили тадқиқотҳои сотсиологӣ, пурсишҳо, таҳқиқҳои таъҷилии вазъият, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғайра амалӣ гардонидааст.

Бахусус Марказ ташаккулдиҳанда ва татбиқгари Омори сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар мебошад, ки тамоми фаъолият дар самти беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷавонон аз он манша мегирад.

Дастоварди дигари назарраси корхона ин ҷалби наврасон ва ҷавонони оворагард ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва маърифати комил мебошад. Дар ин самт дар заминаи Марказ Маҳфили ихтиёриёни ҷавон аз ҳисоби фаъолҷавонони оворагард ташкил ёфтааст, ки ҳамасола байни ҳамсолони худ оид ба пешгирии омилҳои номалуб ва ҷалби онҳо ба ҳаёти муносиб кор мебаранд.

Ҳамчунин, Марказ дар тобеияти худ як филиал ва 30 марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро дорад. Ташкилотҳои зертобеи Марказ дар шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон, аз ҷумла ҷамоатҳо онҳо дар самти татбиқи ҷанбаҳои иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон фаъолият доранд.

Дигар фаъолияти назаррас ин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкили давраҳои омӯзиши касбӣ барои ҷавонон мебошад. Дар ин раванд

дар назди Марказ ва дар заминаи марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон 15 даврҳои омӯзиши малакаҳои дӯзандагӣ барои ҷавондухтарон ва 15 даврҳои омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ва малакаҳои компютерӣ барои ҷавонон фаъолият доранд, ки ҳамасола садҳо ҷавононро бо касбу ихтисосҳои алоқаманд фаро мегирад.

Фаъолияти корхона ба ташкили корҳои таҳия, ороишӣ ва чопӣ низ равона гардидааст, ки дар пайвастагӣ ба ин ҳар сол дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон 15-20 китобҳо, дастурҳои методӣ-амалӣ ва варақаҳои иттилоотӣ чоп ва нусхабардорӣ мегарданд.

**КВД «Биржаи меҳнатии ҷавонон»**

Дар самти фароҳам овардани шароити мусоид барои ба кор таъмингардии ҷавонони бекор аз соли 1998 инҷониб дар назди Кумита КВД «Биржаи меҳнатии ҷавонон» фаъолият дорад, ки тамоми масъалаҳои марбут ба шуғл ва кор фарогирии ҷавононро татбиқ менамояд.

Биржа дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамасола тадбирҳоро дар самти ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, бастани шартномаҳо бо ташкилоту муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ оиди ба кор таъминкунии ҷавонон, таъмини ҷавонони бекор бо ҷойҳои корӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, муосидат ба таълими касбӣ, забономӯзӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, бахусус ҷавонони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда, омӯзонидан ва иттилоотнокии ҷавонон оид ба бозори меҳнат ва талаботи он дар шароити ҷомеаи муосир ва ғайра меандешад.

Корхона дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои интихобӣ, ҳамчунин, дар вилоятҳои Федератсияи Русия, бахусус Москва, Санкт-Петербург,

Екатиренбург, Иркутск намояндагиҳои худро таъсис додааст, ки онҳо пайваста дар самти таъмини ҳифзи иҷтимоии ҷавонони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолият менамоянд.

Дар назди Корхона Маркази иттилоотии доимоамалкунандаи ҷойҳои кори холӣ бо нигоҳдошти 800 ҷойҳои кори холӣ амал мекунад, ки дар асоси он мунтазам ҷавонони бекор ба шуғлҳои мувофиқ таъмин карда мешаванд.

Дар ҷумҳурӣ дар раванди ба кор таъминкунии шаҳрвандони бекор ташкили мунтазами ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ сараввал дар се моҳ як маротиба, ҳоло ҳар моҳ баргузор мегардад. Ташкили ярмаркаҳо аз шаҳри Душанбе, пойтахти ҷумҳурӣ оғоз гардида, имрӯзҳо қариб ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар мунтазам ташкил карда мешавад. Ташкили ярмаркаҳо тақозои замон буда, талаботи корхонаҳоро барои ишғоли ҷойҳои корӣ, яъне дарёфти воҳидҳои алоқаманд ба зуддӣ ва сарфаи вақт қонеъ мекунад.

Ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ба таври озод ташкил гардида, дар он дилхоҳ ташкилоту корхона метавонад ҷойҳои кори холии худро ба бозор гузорад. Барои ин ташкилоту корхонаҳои манфиатдор пешакӣ, яъне пеш аз оғози ярмаркаи навбатӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат намуда, номнавис мегарданд. Сипас дар рӯзи ташкили ярмарка воҳидҳои кори холии худро ба намоиш ва интихоби муроҷиаткунандагон мегузорад.

Ярмарка, рӯз, ҷой ва вақти бургузорӣ тавассути ВАО пешакӣ элон мегардад, ки дар он тамоми хоҳишмандон, аксаран бекорон бемамониат иштирок менамоянд ва ҷойи кори муносиби худро интихоб менамоянд. Дарҳол дар ярмарка ба шахси ҷойи кор дарёфтнамуда роҳхат дода мешавад, ки тибқи он ӯ барои кор ба корхона ва ё ташкилоти алоқаманд сафарбар мегардад.

**Дастгирӣ ва рушди имконоти ҷавонон барои моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ**

Тамоми ҳаёти инсонӣ аз чизе вобастагӣ дорад ва маҳз вобастагӣ ҳаётро рангин менамояд, ба роҳе ҳидоят менамояд, марому мақсади муайянро пайдо менамояд, ки барои дарёфт ва дастрасии онҳо талош меварзад. Яке аз ҷабҳаҳои асосии вобастагӣ ин манфиатнокӣ мебошад. Манфиатнокӣ дар навбати хеш ба чанд навъ ҷудо мешавад, аз қабили иқтисодӣ (молиявӣ, моддӣ), маънавӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки дар ҳоли ҳозир дар ҳаёти ҷомеа манфиатнокии иқтисодӣ бартарияти бештарро касб кардааст.

Дар ҳамин радиф, чун шахси ҷавон бештар манфиатҷӯ аст ва ҳамеша дар роҳи дарёфтӣ он талош меварзад, ки дар бисёр мавридҳо нисбатан ба нобарорӣ дучор мегардад, дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон он ба он ба сифати "Мустақилияти иқтисодии ҷавонон" афзалият дода шудааст.

Дар даврони 20 соли Истиқлолияти давлатӣ дар самти таъмини мустақилияти иқтсодии ҷавонон, корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд.

Бо ин мақсад дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Корхонаи воҳиди давлатии "Клуби соҳибкорони ҷавон" таъсис дода шуд, ки пайваста тадбирҳои алоқаманд амалӣ мегардонад.

Мунтазам дар доираи татбиқи Барномаи миллии "Ҷавонони Тоҷикистон" яке аз самтҳои афзалиятнок ба таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон равона мегардад, ки пайваста дар доираи он чорабиниҳо амалӣ мегарданд. Аз ҷумла,

**КВД «Клуби соҳибкорони ҷавон»**

Корхонаи воҳиди давлатии "Клуби соҳибкорони ҷавон" аз қабили ташкилотҳои ҷумҳуриявии махсусгардонидашуда мебошад, ки аз соли 1998

инҷониб дар самти татбиқи соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон оид ба таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон фаъолият дорад.

Клуб дар сафи худ беш аз теъдоди зиёди соҳибкорони ҷавонро ҷалб намудааст, ки мунтазам барои корҳои машваратӣ ва методӣ ташкил менамояд ва онҳоро бахри устувории фаъолият дастгирӣ менамояд.

Дар баробари ин Клуб барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон мунтазам чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ амалӣ мегардонад.

Дар баробари ин, дар заминаи марказҳои имконоти ҷавонон, бахусус дар доираи татбиқи Лоиҳаи рушди имконоти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонони Тоҷикистон ба таври озмоишӣ омӯзиши соҳибкорони ҷавон, таҷрибаомӯзӣ ва таъмини қарзҳои кӯтоҳмуддати имтиёзнок барои ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ давоми солҳои 2010-2011 роҳандозӣ гардид. Дар натиҷа 250 ҷавонон ба ҳайси соҳибкор омода гардиданд.

Қарзҳои кӯтоҳмуддат барои соҳикборони ҷавони минтақаҳои Ҳисор, Данғара ва Исфара ба маблағи то 2000 сомонӣ муқаррар гардида, то декабри соли 2011 ба 450 ҷавонон барои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардиданд.

Аз ҷониби КВД "Клуби соҳибкорони ҷавон" низ мунтазам давраҳои омӯзишӣ оид ба малакаҳои соҳибкорӣ ташкил ва баргузор мегарданд, ки дар натиҷа ҳамасола то 300 ҷавонони соҳибкор фаро гирифта мешаванд.

**Марказҳои имконоти ҷавонон**

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонон, аз ҷумла таълими иловагӣ ба ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар заминаи марказҳои имконоти ҷавонон давраҳои омӯзишӣ ташкил гардидаанд.

Дар ин марказҳо давраҳои омӯзишӣ, аз қабили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, англисӣ, русӣ, малакаҳои компютерӣ, кор бо техналогияҳои иттилоотӣ, дӯзандагӣ ва соҳибкорӣ амал карда истодааст. Давраҳои омӯзишӣ барои ҷавонони хоҳишманд, аз ҷумла наврасон ва ҷавонон аз оилаҳои камбизоат мунтазам ташкал мегардад. Давраҳо аз соли 2007 инҷониб ташкил ва амалӣ гардида истодааст. Дар ҳар давра то 20 – нафар фаро гирифта шуда, дар мӯҳлати 3 моҳ барои як давра ташкил мегарданд. Хатмкунандагон бо сертификат таъмин мегарданд.

Ҳамин тариқ, бо ин навъи хизматрасонӣ дар ҷумҳарӣ 40 марказҳои ҷавонон, бахусус 4 марказҳои имконоти ҷавонон фаъолият менамояд. То имрӯз дар натиҷа аз давраҳои омӯзишӣ ҳазорон наврасон ва ҷавонон бо малакаҳои алоқаманди забондонӣ, дӯзандагӣ ва кор бо техналогияҳои иттилоотӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар таносубият бо вазъияти воқеъӣ ин рақам, қатрае аз баҳр аст, вале ҳаст. Қадамҳои дигар ин устувор гардонидани нерӯи ташаккулёфта ва зиёд гардонидани теъдоди марказҳои ҷавонон ва бар ҳамин васила омӯзишӣ ҷавонон мебошад.

**23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон**

Дар анҷоми суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони лаёқатманд 16 майи соли 1998 иброз намуд: «Ҷавонон қувваи бузург ва ояндаи миллатанд ва мо ба онҳо боварии калон дорем. Бо мақсади дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо ва боз ҳам баланд бардоштани мақомашон дар ҳаёти умумии ҷомеа ман ба наздикӣ ба Маҷлиси Олӣ муроҷиат кардам, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид намуда, 23 майро Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон намоянд».

Аз ҳамин муроҷиат инҷониб ҳамасола Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон – 23 май дар саросари кишвар ба сифати Ҳафтаи ҷавонон, Даҳаи ҷавонон ва ё Моҳонаи ҷавонон таҷлил гирифта мешавад. Садҳо чорабинии маърифатӣ-фарҳангӣ, илмӣ- амалӣ ва варзишию оммавӣ баргузор гардида, ҳазорон ҷавонон бо шуғлмандии гуногун фаро гирифта мешаванд.

**Рушди фарҳанг ва тарбияи втандӯстии ҷавонон**

Фарҳанг омили ҳастӣ ва нишони ҷовидонию тамаддунофарии халқу миллатҳо мебошад. Фарҳанг буд, ки баъди ҳазорсолаҳо миллати тоҷик эҳё гардид ва дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Фарҳанг аст, ки ҳаёти инсоният мазмуну мӯҳтавои хоса пайдо намудааст ва байни ашхос эҳтирому самимият ва садоқат ҳукмфармо мебошад.

Дар шароити дигаргунисозиҳои муносибатҳо ва ташаккули давлати соҳибтамаддун иштироки ҷавонон дар ташаккули фарҳанги миллӣ ва ҳувияти ватандӯстӣ басо ногусастанист. Маҳз ҷавонон дар давраҳои алоқаманди ҳаётӣ метавонанд пойдевори фарҳанги миллӣ ва ватандориро созанд ва ба наслҳои дигар супоранд. Дар ҳамин васила, сатҳу сифати пойдевори фарҳангию тамаддунофарӣ аз садоқат, ҳамбастагӣ ва фаъолнокии насли ҷавон вобастагии зич дорад.

Аз ин рӯ, дар сатҳи кишвар дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон пайваста амалӣ мегардад, ки дар доираи он тадбирҳои гуногуни алоқаманд ба тарбияи фарҳангӣ ва ватандӯстии ҷавонон мунтазам андешида мешаванд.

**Фестивалҳои дӯстии ҷавонон**

Яке аз усулҳои муттаҳиддӣ ва рушди имконоти фарҳангии ҷавонон ин ташкили фестивалҳо ва форумҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар натиҷа садҳо насли ҷавони кишвар имкон пайдо

мекунад, то аз ҳаёти фаъолияти якдигар огоҳ бошанд ва таҷриба андузанд.

Бо ҳамин мақсад дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамасола мунтазам фестивали дӯсти ҷавонон бахшида ба рӯзҳои таърихӣ баргузор мегарданд. Мавриди ташкили фестивал бахшида ба санаи муайяни таърихӣ ин худ аллакай ҷалби ҷавонон ба шиносоӣ, маълумотнокӣ ва пос доштани фарҳанг ва тамаддуни миллӣ мебошад.

Дар зер маълумоти мухтассар оид ба фестивалҳои гузаронидашуда оварда мешавад.

19-21 августи 2002 бахшида ба таҷлили 10-умин солгарди Сессияи 16 таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Қурғонтеппа ва Сарбанд Фестивали чоруми ҷавонони Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хосае ва дар партави дӯстии ҷавонони кишвар баргузор гардид, ки дар он расман зиёда аз 300 нафар ҷавонон аз манотиқи гуногуни мамлакат ширкат варзиданд.

Аз 10 то 12 июни соли 2003 дар асоси Шартномаи ҳамкории байни Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ) ва Кумитаи давлатии Қирғизистон оид ба варзиш, саёҳат ва сиёсати ҷавонон (собиқ) Фестивали дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистонро доир гардид, ки дар он намояндагони ҷавонони ҳарду мамлакат ширкат варзиданд. Мақсад аз баргузории Фестивал равнақ бахшидани ҳаракати фестивалии ҷавонон, густариш додани робитаҳои дӯстӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии ҷавонони ду кишвар мебошад.

Аз 16 то 17 ноябри соли 2004 Кумита Фестивали ҷумҳуриявии ҷавононро бахшида ба 80-солагии ба мақоми пойтахт сазовор шудани шаҳри Душанбе таҳти унвони «Душанбе бо ҷавонон» бо иштироки ҳайати намояндагони ҷавонон аз  шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятии чавонон, гурӯҳҳои ҳунарию эҷодии ҷавонон, донишҷӯёни пойтахт

хотирмон доир намуд. Дар маросими кушодашавии Фестивал раиси шаҳри Душанбе ширкат варзида, суханронӣ намуданд.

Аз 15-ум то 21 сентябри соли 2005 бахшида ба 80-солагии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 14-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ дар ВМКБ Фестивали ҷавонони Тоҷикистон гузаронида шуд. Ёдовар шудан бомаврид аст, ки таҳти шиори «Баҳри сулҳ ва дӯстии ҷавонони Тоҷикистон» соли 2000-ум дар Бадахшон Фестивали ҷавонони Тоҷикистон доир гардида буд. Шиору ғояи Фестивали навбатии доиргашта бошад «Ташаббуси ҷавонон - ояндаи Тоҷикистон» муқаррар гардид, ки аз талаботҳои имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикстон ғояи Фестивал бар омадааст, зеро Истиқлолияти кишвар дар назди ҷавонон вазифаҳои азиму ташаббускориро гузоштааст.

Ҳамин тариқ, соли 2011 низ (26-28 июн) бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивали дӯстии ҷавонони Тоҷикистон дар водии Рашт доир гарид. Баҳри пурсамар доир намудани чорабиниҳо ҷавонони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ноҳияи Тавилдара, ҷавонони вилояти Хатлон ба ноҳияи Тоҷикобод, ҷавонони вилояти Суғд ба ноҳияи Ҷиргатол, ҷавонони шаҳри Душанбе ба ноҳияи Рашт ва ҷавонони ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ (Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Рӯдакӣ, Варзоб, Ваҳдат, Роғун, Файзобод) ба ноҳияи Нуробод сафарбар гардиданд.

Баргузории чунин фестивалҳо дар таҳкими дӯстии ҷавонони ҷумҳурӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт. Иқдоми мазкур дар шароити муосири ҷомеа саривақтӣ буда, барои ҷавонон ҷиҳати баланд гардидани сатҳи ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва ҳисси ватандӯстӣ, ҳамчун як омили зарурӣ хизмат менамояд.

**Фестивали сурудҳои ҳарбӣ-ватандӯстона «Суруди сарбоз»**

Бо мақсади тарбияи сарбозон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҷодкорию фарҳангдӯстӣ дар доираи барномаҳои давлатии соҳаи кор бо ҷавонон мунтазам чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва маърифатӣ-эҷодӣ баргузор мегарданд.

Аз ҷумла, ҳамасола дар арафаи даъвати ҳарбӣ ва ҷашни Рӯзи қувваҳои муссаллаҳ дар Ҳафтаномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" рубрика таҳти унвони «Сарбози Ватан» бо фарогирии мақолаҳои рангин нашр мегардад.

Барои мисол, соли 2010 бо ташаббуси Кумита саёҳати хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба қисмҳои низомии вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, адлия, ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Аз ҷумлаи чорабиниҳои мазкур Фестивал - озмуни «Суруди Сарбоз» аз тариқи се шабакаи телевизионӣ ва шаш шабакаи радиоӣ сабт гардида, тариқи телевизиони «Сафина» дар зарфи якуним соат намоиш дода шуд.

Соли 2013Фестивал - озмуни сурудҳои ватандӯстонаи «Суруди сарбоз» миёни дастаҳои худфаъолияти бадеии қисмҳои ҳарбии вазорату идораҳои қудратӣ шурӯъ аз 5 май баргузор гардид. Фестивал 19 май дар Кохи фарҳангии «Ҷомӣ» ҷамъбаст гардида, ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ, Фестивали "Суруди сарбоз" дар кишвар ба ҳукми анъана даромадааст, ки онро ҳамасола дар давраҳои таҷлили санаҳои таърихии алоқаманд тамоми сарбозон пазмон мешаванд.

**Рӯзҳои фарҳангии ҷавонон**

Дар партави мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

бо ҷавонон 23 майи соли 1997 ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 маи соли 1998, №628 23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон муқарар гардид.

Ҳамин тариқ, аз соли 1998 инҷониб 23 май ҳар сол дар миқёси тамоми ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон бо шукӯҳи шаҳомати хосае ҷашн гирифта мешавад. Бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ҳамасола дар сатҳи тамоми шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-фароғатӣ ва маърифатӣ-иттилоотӣ дар шакли “Моҳонаи ҷавонон”, “Даҳрӯзаи ҷавонон” ва ё “Ҳафтаи ҷавонон” ташкил ва баргузор мегарданд. Ин чорабиниҳо барои ҷавонон ҳамчун муҳаррики тозашаванда ва сол ба сол қаввишаванда шинохта мешаванд. Дар ҳар давраҳои ҷашнӣ ҷавонон бори дигар мавқеъи хоса доштани худро дар бунёди ҷомеаи тозабунёд эҳсос мекунанд ва барои боз ҳам фаъол будан, камари ҳиммат мебанданд.

**Ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мавқеъи касб намудааст.

Бинобар ин дар тамоми ҷабҳаҳои фаъолият, дар таҳррезии нақшаҳои корӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва дастурҳои методию амалӣ ба ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ афзалият дода мешавад. Бо ин мақсад дар ниҳоди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ Шӯъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳануз аз оғози фаъолият, яъне соли 1997 дар сати танзим ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ фаъолият дорад.

Аслан татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун афзалият барои ҷаҳони муосир нав аст ва ҳар кишваре, ки ба он таваҷҷӯҳ кардааст ба таҷрибаомӯзӣ ва омода кардани системаи фаъолият ниёз дорад.

Бо ҳамин мақсад, Кумита ҳамчун ваколатдори давлатии сиёсати давлатии ҷавонон ҳамкориро бо

кишварҳои хориҷ, аз қабили Федератсияи Русия, Хитой, Эрон, Белорусия, Украина, Молдова, Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Мисри араб, Сурия ва ғайра ба роҳ мондааст. Давоми солҳои 1997-2011 бо кишварҳои хориҷ, аз қабили Федератсияи Русия, Эрон, Белорусия, Украина, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Ҳамчунин, Кумита аъзои фаъоли Шӯрои кор бо ҷавонони Иттиҳоди давлатҳои Мустақил ва Ташкилоти ҷавонони Созмони ҳамкориҳои Шанхай мебошад. Бо дарназардошти фаъолнокӣ солҳои 2011-2012 раиси Шӯрои кор бо ҷавонони Иттиҳоди давлатҳои Мустақилро ба ӯҳда гирифтааст.

Дар доираи татбиқи Шартномаҳои ҳамкорӣ ҳамасола даҳо ҷавонон барои таҷрибаомӯзӣ ва ба анҷом расонидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба кишварҳои хориҷ сафар мекунанд. Дар баробари ин, даҳо гурӯҳҳои ҷавонон барои иштирок дар чорабиниҳои алоқаманди байналмилалӣ дар кишварҳои гуногуни ҳамкор даъват мегарданд ва ин иқдом ба ҳукми анъана даромадааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ чорабиниҳои гуногуни байналмилалиро доир намудааст, ки дар он низ садҳо мутахасисони соҳаи кор бо ҷавонон ширкат варзидаанд. Аз ҷумла, Фестивали дӯстии ҷавонон Тоҷикистон ва Қирғизистон, Форуми ихтиёриёни ҷавони ИДМ, Форуми экологони ҷавонон ИДМ, Форум ва конференсили дар соҳаи гуманитарӣ ва ғайра.

Бо дарназардошти татбиқи принсипҳои ҷаҳонишвайӣ Кумита дар самти амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон ҳамкории зичро бо ташкилотҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, ҷиҳати ҷалби маблағгузорӣ дар татбиқи соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар

кишвар ҳануз аз соли 2000 инҷониб корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

То имрӯз Кумита даҳо шартномаҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, аз қабили ЮНЕСКО, Хазинаи кӯдакони СММ, Хазинаи нуфузи СММ, Барномаи рушди СММ, Хазинаи Сорос, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Бонки умумиҷаҳонӣ, Хазинаи глобалӣ оиди мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза, КАРЕ Тоҷикистон, Ҷамъияти Олмонии ҳамкориҳои байналмилалӣ, ОРА Интернешнл, ЮНОДК ба имзо расонида, амалӣ гардонидааст.

Дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамасола Лоиҳаҳои махусусгардонидашуда амалӣ гардида, садҳо ҳазор сомонӣ бавосита ва бевосита амалӣ гародинад мешаванд. Аз ҷумла:

**Лоиҳаи таъсиси марказҳои солимии репродуктивии наврасон ва ҷавонон**. Дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа ва Кӯлоб Марказҳои солимии репродуктивии наврасон ва ҷавонон таъсис дода шуданд. Мақсади лоиҳа ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои танзими оила ва солимии репродуктивӣ равона гардида буд.

**Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ миёни ҷавонони деҳот**

Мақсади Лоиҳа ин паст кардани хавфи бемориҳои ВНОМ/БПНМ ва тавассути алоқаи чинсӣ гузаранда бо роҳи устуворгардонӣ ва истифодаи усулҳои қабулгардида дар амалигардонии чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ, ки ба баланд гардонидани сатҳи маълумотнокӣ, дониш ва тағйир додани рафтори чавонон равона шудааст, мебошад.

**Соҳаҳои афзалиятноки Лоиҳа:**

- Рушди имкониятҳои ҳайати асосии корӣ ва нерӯи захиравӣ-иттилоотии Лоиҳа

- Баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳайати асосии корӣ дар сатҳи маҳалҳо аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол»
- Васеъ гардонидани дастрасии чавонон (гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ) ба иттилооти алоқаманд дар самти пешгирии бемориҳои ВНОМ/БПНМ ва тавассути алоқаи чинсӣ гузаранда дар байни чавонон 15-24 сола
- Мусоидат ба рушди эчодиёти чавонон оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим
- Арзёбӣ ва баҳодиҳии вазъият дар маҳалҳо

**Заминаҳои илмӣ-методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон**

Устувории дилхоҳ соҳаи фаъолият аз заминаи илмӣ-методӣ ва иттилоотии он вобастагӣ дорад. То чи андозае ки заминаи илмӣ-методӣ ва иттилоотӣ устувор бошад, ба ҳамон андоза амалигардонии фаъолият устувор ва поянда аст.

Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ҳануз аз оғози фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ба андешидани тадбирҳо ҷиҳати ташаккули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ таваҷҷӯҳ равон гардида буд ва то имрӯз дар ин самт бевосита 3 корҳои илмӣ-дисертатсионӣ ва даҳо китобу дастурҳо ва мақолаҳои илмӣ ва таҳлилию амалӣ чоп гардидаанд.

Дар самти ташаккули заминаи илмии сиёсати давлатии олимони ҷавон, аз қабили Раҳимов И.Ҳ. дар мавзӯи «Ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон», Асадуллоев Р.Н. дар мавзӯи «Ҷавонон дар ҷараёни демократикунони ҳаёти ҷамъиятии мамлакат» ва Миралиев Қ.А. дар мавзӯи «Ҳолат ва пешомадҳои ташкилотҳои ҷавонон дар Тоҷикистон муосир» саҳм гузоштаанд (корҳои илмии дисертатсионӣ ба анҷом расонидаанд). Корҳои мазкур дар тамоми фаъолияти мақомоти давлатии кор бо

ҷавонон дар таҳия ва амалигардонии барномаҳои соҳавӣ, нақшаҳо ва таҳлилҳо мавриди дастур қарор дорад.

**Китобҳои нашргардида**

Китоби нахустин дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо номи «Ҷавонон ояндаи миллат» соли 1997 рӯи чоп омадааст. Китоби мазкур маърӯзаи Президенти кишварро дар мулоқот бо ҷавонон 23 май фаро гирифта, он ҳамчун маводи таҳлилӣ-методӣ барои корбарӣ дар самти татбиқи босамари афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон истифода мегардад.

Китобҳои дигар, ки ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро (давоми солҳои 2000-2011) натиҷагирӣ мекунанд ва барои ин самти фаъолият ҳамчун дурнамо истифода гардидаанд ва саҳми муносиб гузоштаанд, адабиётҳои зерин мебошанд.

Дар зер номгӯи адабиётҳо, соли барориш, ному насаб ва вазифаи мансуби соҳавии (гузашта ва ё ҳозира) муаллифон оварда мешавад.

1. Ҷавонон ояндаи миллат – соли 1997 – Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Ҷавонон ояндаи Тоҷикистони муосир – соли 1997 – Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Ахбороти олимони ҷавон – ҳамасола, аз соли 1998 инҷониб – маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-методӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон;
4. Баъзе масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавонон – соли 1998 – Ашуров Субҳониддин Бӯрҳонович, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2003, номзади илмҳои физика-математика, Шамолов А., сардори Идораи сиёсати иҷтимоии Кумитаи кор бо

ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2002, доктори илмҳои фалсафа;

5. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон – соли 1999 - Набиев Ваҳоб Машрабович, доктори илмҳои таърих, Икромов Ғайбулло Икромович, сардори Идораи тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва кор бо толибилмон дар солҳои 2000-2005, номзади имлҳои таърих;
6. Навниҳолони боғи Истиқлолият – соли 2001 – Набиев Ваҳоб Машрабович, доктори илмҳои таърих;
7. Сиёсати давлатии ҷавонон: ҳолат ва пешомадҳо – соли 2002 - Ашуров Субҳониддин Бӯрҳонович, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2003, номзади илмҳои физика-математика;
8. Устуворгардонии асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва кадрии заминаи сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳалҳо – соли 2002 - Ашуров Субҳониддин Бӯрҳонович, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2003, номзади илмҳои физика-математика, Раҳимов Ибодулло Ҳабибуллоевич, раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2002, номзади илмҳои сиёсӣ;
9. Қонуни асосии ҷавонони Тоҷикистон: ҳолат ва пешомадҳо – соли 2002 - Ашуров Субҳониддин Бӯрҳонович, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2003, номзади илмҳои физика-математика;
10. Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол – соли 2002 – Наср Бобо, олими ҷавон;
11. Ҷавонон дар ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятии кишвар - соли 2004 – Асадуллоев Раҳматулло Назруллоевич, раиси Кумитаи кор бо

ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2006;
12. Сиёсати давлатии ҷавонон – соли 2003 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шӯъбаи сиёсати ичтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;
13. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва нақши онҳо дар ҷараёни демократикунонии ҷомеа – соли 2004 - Асадуллоев Раҳматулло Назруллоевич, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2006, Хонов Абдураҳмон Умарович, мудири Бахши тарбияи ватадӯтсӣ ва кор бо толибилмон дар солҳои 2004-2012;
14. Нақши усули интерактивии таълим дар ташаккул ва рушди ҳаёти ичтимоии ҷавонон – соли 2005 – Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шӯъбаи сиёсати ичтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;
15. Маҷмӯаи иттилоотӣ оид ба вазъияти ичтимоии ҷавонони Тоҷикистон – соли 2006 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шӯъбаи сиёсати ичтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, Қурбонов Дилшод Музаффарович, сардори Раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе;
16. Омори сиёсати давлатии ҷавонон – соли 2006 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шӯъбаи сиёсати ичтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;
17. Амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар устуворгардонии нерӯи ҳаракатҳои ҷавонони Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир

– соли 2006 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шўъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;

18. Амалигардонии Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010. Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамо – соли 2010 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шўъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;
19. Рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон дар остонаи асри XXI – соли 2010 - Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шўъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;
20. Маҷмўаи асноди меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон двр Ҷумҳурии Тоҷикистон – соли 2011 – Ҷўраев Кабирҷон Каримҷонович – муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, мудири Шўъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ.

**Дастурҳои нашргардида**

Дар воқеъ дар баробари китобҳои соҳавӣ саҳми дастурҳои методӣ-амалӣ ва иттилоотӣ низ дар татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла омодасозӣ ва баланд бардоштани савияи донишу малакаи кори мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон ногузир аст.

Дар ташаббуснокӣ ва таҳияи мунтазами дастурҳои методӣ-амалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон саҳми мутахассисон ва ё коршиносони соҳа, аз қабили

Ашуров С.Б., Шамолов А.А., Табаров А., Икромов Ғ.Х., Хонов А.У., Миралиев Қ.А., Бӯриев Н.С., Мирзоев И.Х., Қаҳорова Н., Ҳикматова П., Шерхонов И. ва ғайра назаррас аст.

**Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»**

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» майдони иттилоотии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маълумоти зарурииро оид ба сиёсати давлатии ҷавонон, дастовардҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳал ҳар ҳафта рӯи чоп меорад. Ҳафтанома аз соли 1930 инҷониб нашр мегардад ва ҳар ҳафта матолиби гуногунро атрофи ҳаёту фаъолияти ҷавонони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар манзури хонандагон мегардонад.

Теъдоди нашри Ҳафтанома имрӯз ба 6893 адад мерасад ва он мунтазам ба тамоми маҳалҳо расонида мешавад.

Дастовардҳои Ҳафтанома дар баробари дастовардҳои соҳаи кор бо ҷавонон дар давраҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла ба расмият шинохт шудани Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳукмронии давлати Шӯравӣ, Комсомоли ленинӣ ва Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз бист сол дорад, ҳамқадам аст. Аз ин рӯ, ҳар нафаре, ки хоҳиши ошноӣ пайдо кардан аз ҳаёти ҷавононро дар давраҳо ва ё солҳои гуногун дорад, метавонад саҳифаҳои Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро варақ занад.

**Сомонаҳои интернетӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи фосилавӣ (интернетӣ) мақоми хоса пайдо намудааст. Шабакаи интернетӣ тақозои ҷомеаи муосир буда, дар охири асри XX пайдо гардид ва он ба сабук гардонидани мушкилот ва тез гардонидани сурати муошírати фосилавии одамон

боис гардид. Дар воқеъ бо истифода аз имконоти шабкаи интернетӣ, шахс метавонад дар мӯҳлати кӯтоҳтарин иттилооти заруриро дастрас намояд, бо шахси дигар новобаста аз фосила дар як сония пайваст гардад, мактуб фиристад, сухан бигӯяд, бибинад ва ғайра. Ҳамчунин, солҳои охир касбҳои махсуси кор бо интернет пайдо гардидааст, ки ҳазоронро бо шуғл ва меҳнат таъмин кардааст. Аҷиб он аст, ки кор бо интернет сарҳад надорад, коргоҳи махсус талаб намекунад, фақат компютер ва дастрасӣ ба пайвастӣ бо интернет. Дар баробари ин, касбҳои соҳаи интернетӣ фоидаовартар нисбат ба корҳои муқаррарӣ баҳогузорӣ гардидаанд. Мисол, Марк Тсукерберг, ки ихтироъкардаи сомонаи муоширатии «Facebook» мебошад, дар давоми 7 соли фаъолият ва дар 23 солагӣ аллакай яке аз миллиардерҳои ҷаҳон шудааст (Марка ихтироъи худро замони донишҷӯӣ дар хобгоҳ бо ҳамсоядонишҷӯёни худ эҷод кардааст). Чунин мисолҳо бисёранд, ки боиси шуғлнокӣ, машҳургардӣ ва ҳаёти осоиштаи ҷавонон гардидааст ва гардида истодааст.

Шабакаи интернетӣ, ҳамчунин барои ташкилоту муассисаҳо ва шахсони алоҳида ба сифати фазо ва ё василаи тарғиботӣ истифода мегардад. Дар ҳоли имрӯз миллионҳо дар шабакаи интернетӣ сомонаҳои худро таҳия ва ворид намудаанд ва мавриди зарурат барои дастарсии маълумоти зарурӣ ба саҳифаи интернетии худ ишора мекунанд.

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин шабака саҳифаи интернетии худро бевосита www.youth.tj ва бавосита, яъне саҳифаҳои зерсохторҳои худро, аз қабили www.yrc.tj, www.nyrc.tj ва ғайра ҷой додааст. Ва ҳар нафаре, ки хоҳиши дастрасии маълумоти соҳаи кор бо ҷавононро пайдо мекунад, метавонад ба сомонаҳои болои интернетӣ ворид гардад.

# МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ КОР БО ҶАВОНОН ДАР ҲАЙАТИ НАВИ РОҲБАРИКУНАНДА

Бори нахуст 9 феврали соли 1991 бо Фармони Прездентти РСС Тоҷикистон таҳти ФП–27 Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсис дода шуд.

Моҳи январи соли 1992 дар ҳайати нави Девони Вазирон бар ивази Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, тарияи ҷисмонӣ ва варзиш Кумитаи давлатӣ оид ба варзиш ва туризм таъсис ёфт.

9 июни соли 1993 баъди барқарор гаштани сохти коститутсионӣ бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №256 Кумитаи корҳои ҷавонони назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар натиҷаи мулоқоти васеъи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавони кишвар 23 маи соли 1997 Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо дарназардошти тақозои ҷомеаи муосир ва ислоҳоти идораи давлатӣ Кумитаи мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609 ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки фаъолиятро дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ ба роҳ мондааст.

Мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавононро дар шакли Кумитаи давлатӣ ва Кумита то имрӯзи 21 нафар роҳбарӣ кардаанд.

Дар охири нимсолаи аввал ва аввали нимослаи дуюми соли 2014 ҳайати роҳбарикунандаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар ба кори дигар гузаштани

роҳбарияти қаблӣ пурра иваз карда шуд, ки рӯйхати онҳо дар поён оварда мешавад.

1. **АБДУЛЛОЗОДА Аҳтам Рустам -** Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. **МУИНӢ Мавсума Муинзода** –Муовини якуми Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. **МИРАЛИЕВ Қиёмиддин Абдусалимович -** Муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. **ШОДИКОВ Руслан Назардодович** – Муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

5. **НАЗАРОВ Дилшод Ҷамолиддинович** – Муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАДАМҲОИ НАВ ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Қисмати мазкури китоб хусусияти методӣ дошта, он барои истифодаи мутахассисони соҳавӣ, бахусус соҳаи кор бо ҷавонон ва дигар муҳақиқону олимони дар самти сиёсати давлатии ҷавонон фаъолиятдошта тавсия карда мешавад.

## А. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон

Чун дигар соҳаҳо сиёсати давлатии ҷавонон низ самтҳои афзалиятноки хосро соҳиб мебошад. То ин замон самтҳои афзалиятнок дар шаклҳои гуногун муайян ва татбиқ карда мешуданд, ки дар ин раванд мушкилиҳои зиёд сади роҳи мутахассисон дар бадастории натиҷаҳо мегардид.

Дар ҳоли ҳозир бо дарназардошти таҷрибаи андухта, талаботи воқеии ҷавонон ва тақозои ҷомеаи муосир, бахусус ҷаҳонишавии муносибатҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон иборат аз 10 адад таҳия гардида, дар Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон бо ворид намудани тағйироту иловаҳо бар он ҷойгир карда шудааст.

Ҳамин тариқ, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба самтҳои афзалиятноки зерин ба роҳ монда мешавад:

- иштироки ҷавонон;
- шуғлнокии ҷавонон;
- таъмини тарзи ҳаёти солим;
- таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
- таъминоти иҷтимоии ҷавонон;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
- мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
- тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
- ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;

- заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

### 1. Иштироки ҷавонон

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад.

Фаъолгардонии сиёсии ҷавонон, ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд барои Тоҷикистон аз лиҳози мавқеъи иқтисодӣ ва демографии он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто барои ба таври мунтазамӣ бо кадрҳои ҷавон таъмин намудани ҳар се шохаи ҳокимияти идории кишвар (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) тариқи додани бартарият (муқаррар намудани квота) мувофиқи мақсад мебошад.

Чӣ тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, сатҳи маълумотнокии қисми зиёди масъулони мақомоти марказӣ ва маҳалӣ доир ба татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон паст мебошад, ки бар ин васила баргузор намудани силсила чорабиниҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ барои онҳо тақозо мегардад.

Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути талқин додани фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба воситаи ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла марказҳои ҷавонон бояд ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ ва муқаррар сохтани механизмҳои ҳавасмандгардонии шахсони

волонтёр дар чорчӯбаи қонунгузории ҷорӣ бояд тадбирҳо андешида шаванд.

## 2. Шуғлнокии ҷавонон

Қисми зиёди аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки мутаносибан теъдоди зиёди шахсони дорои қобили меҳант ба ин қишри ҷомеа рост меояд.

Боиси зикр аст, ки шуғлнокии ҷавонон на танҳо ба фарогирии онҳо бо меҳнат алоқамандӣ дорад, балки шуғлмандӣ ба амали муташаккиле (тамрини варзишӣ, таҳсил, хизмати ҳарбӣ, такмили дониш ва малака, сайёҳат ва ғайра) рабт дода мешавад.

Ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон ҳамчун нишондиҳандаи беҳ будани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ маҳсуб мегардад ва ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти давлатиро бо ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус кӯдакони ятим, шахсони ҷавони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, тақозо менамояд.

Дар шароити ҷомеаи муосир таваҷҷӯҳи беш ба гирифтани таҳсилоти касбӣ дода мешавад. Чунончӣ маълум аст, рушди имконот дар самти таъмини таҳсили муассир, сифатнок ва рақобатпазир дар ҷомеа метавонад ба ташаккули системаи тамоюлнокии касбии ҷавонон мусоидат намояд. Фарогирии ҷавонон ба таҳсил ва фароҳам овардани шароити мусоид, бахусус васеъ намудани имконоти хадамоти хусусӣ оид ба таҳсили ҷавонон боис мегардад, ки сатҳи маърифатнокии ҷавонон тақвият ёбад ва бар ин васила системаи ҳавасмандгардонии ҷавонони фаъол ва соҳибистеъдод ташаккул ёбад.

Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон дар таносубнокӣ ба талаботи бозори меҳнати хориҷӣ дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад, ки дар ин росто муқовиматнокӣ ва рақобатпазирии қобилияти

меҳнатии онҳо мавриди фаъолият дар хориҷи кишвар то андозае устувор мегардад. Дар баробари ин, зарур аст, ки қувваи меҳнатии кишвар дар дохили мамлакат ба таври самаранок истифода гардад. Бо дарназардошти бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ ва аз нав таҳия кардани барномаҳои таълимии хонандагон ва донишҷӯён мувофиқи мақсад буда, дар таъмин намудани ҷавонон ба шуғли дастрас мусоидат менамояд.

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок, аз ҷумла ҷавонон ва истифодаи босамари ин малакаи касбӣ бевосита иртибот дорад.

Дар ҳамин радиф, ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба касбҳои коргарии рақобатпазир дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ва дар заминаи ин коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон нақши муҳим дорад.

Таъсири сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дарназардошти имконоти минтақавӣ бояд фаъолона пеш бурда шавад. Зарур аст, ки барои фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ ҷиҳати беҳбуди вазъи иқтисодӣ, боло бурдани сатҳи даромаднокии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон ба воситаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ё муқаррар кардани имтиёзҳо барои соҳибкорони ватанӣ, бахусус аз ҳисоби соҳибкорони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда, дар ташкили коргоҳҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ барои ҷавонон тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар шароити ҷомеаи муосир касбӣ кунонидани хизмати ҳарбии ҷавонон бо дарназардошти имконоти баробари иштирок яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи маърифати иқтисодӣ ва соҳиб гардидан ба касби муносиб миёни ҷавонон хело паст мебошад. Дар ин радиф фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати касбомӯзии сарбозон ҳангоми хизмат дар сафи Қувваҳои Муссаллаҳ тавассути роҳандозӣ намудани марказҳои омӯзиши касбӣ ва тарбияи меҳнатии онҳо боиси дастгирӣ мебошад.

Яке аз роҳҳои самарабашх дар рушди имконоти фарҳангу фароғат ва худтакмилдиҳии ҷавонон ин дастгирии театрҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, иншооти варзишӣ, муассисаҳои таълимии берун аз мактабӣ ва ғайритаълимӣ, интишори адабиёти таълимӣ, бадеӣ ва методӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мебошад. Махсусан васеъ гардонидани шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо ба ҷавонон имконият медиҳад, ки чорабиниҳои зиёди маърифатӣ, ба монанди тренингҳои омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо, маҳфилҳои фарҳангию эҷодӣ ва ғайра бо иштироки бевоситаи худи ҷавонон доир гарданд, ки ин иқдом метавонад ҷавононро ба корҳои манфиатнок ва фоидабахш машғул намуда, аз оворагардию бекорӣ ва даст задан ба падидаҳои номатлуб эмин нигоҳ дорад.

**3. Таъмини тарзи ҳаёти солим**

Саломатии ҷавонон ояндаи солими кишвар ва омили муҳими рушди ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Дилхоҳ шахс танҳо дар ҳолати комилан солим будан метавонад ба қуллаҳои баланди зиндагӣ, муваффақият ва ба комёбиҳо ноил гардад.

Чӣ тавре маълум аст, дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мушкилоти гуногуни ҳаётӣ мардуми Тоҷикистонро фаро гирифт, аз ҷумла мушкилоти марбут ба ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ

дар байни ҷавонон мубрам боқӣ мемонад. Дар чунин вазъ бояд ташкили мунтазами чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва варзишию оммавӣ оид ба тарғиб ва ҷалби ҷавонон ба таъмини тарзи ҳаёти солим ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон оид ба устувор гардонидани хадамоти таълимии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар сатҳи тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ тадбирҳо андешида шавад.

Барои шуғлмандӣ ва ҳавасмандии ҷавонон ба варзиш ба таври васеъ барои истифода пешниҳод намудани имконоти фароҳамгардидаи муассисаҳои таҳсилотии кишвар марбут ба хадамоти варзишӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Самти дигари тарғиби тарзи ҳаёти солим ин ташаккул додани системаи ҳавасмандгардонӣ дар ташкили хадамоти варзишӣ тавассути муқаррар сохтани имтиёзҳои системавӣ мебошад. Дар ҳолати муқаррар гардидани имтиёзҳо имконоти рушд ва устувор гардонидани системаи варзиши касбӣ васеъ мегардад ва кафолати таъминоти иҷтимоӣ ба варзишгарон таъмин карда мешавад.

**4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон**

Ҳифз ва рушди нерӯи зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии ҷавонон таҳияи тадбирҳои маҷмӯиро оид ба ҳавасмандгардонии иқтисодии корхонаю муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳои хайрия ва дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони алоҳида, ки бояд ҷавонони болаёқатро дастгирӣ кунанд, тақозо менамоянд. Ҳамзамон муқаррар намудани мукофотҳо, стипендияҳо ва кӯмакпулиҳо барои шаҳрвандони ҷавони эҷодкор, расонидани кӯмаки давлатӣ ба ҷавонон ва фаъолияти инноватсионии онҳо ба рушди самти таҳсилоти сиёсати давлатии ҷавонон метавонад мусоидат кунад.

Сиёсати давлатии рушд ва дастгирии ҷавонони боистеъдод ҳамчун сиёсати умумии рушди захираҳои инсонӣ амалӣ мегардад. Дар ҳамин радиф фароҳам овардани шароит ҷиҳати таъмини таҳсили муассир ва сифатнок ба ҷавонон вобаста ба тақозои ҷомеаи муосир бояд ба роҳ монда шавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз зарурати ташаккул ва рушди системаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва иловагии ҷавонон ба миён омадааст, ки амалигардонии чунин иқдом метавонад барои ҳавасмандгардонии ҷавонон дар таҳсил ва баланд гардидани сатҳи маърифатнокии онҳо мусоидат намояд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо ҳамон кишварҳо ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва эҷодӣ ноил мегарданд, ки ҷавонони он соҳибкасб ва соҳибмаълумот бошанд. Вобаста ба тамоюлнокии ихтисосмандӣ ва касбии ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа имконот мавҷуд аст, аммо ташаккул додани системаи мазкур бо ҳамоҳангсозии тамоми сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ ба манфиати давлат мебошад.

Дар замони мусоир яке аз ҳадафҳои асосӣ ин маърифатнок гардонидани аҳолӣ, алалхусус ҷавонон тавассути ташаккули хадамоти таҳсилоти ғайрирасмӣ бо ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва истифодаи усулҳои навтарин, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ, таълими интерактвӣ ва ғайра метавонад дар рушди маърифатнокӣ ва нерӯи зеҳнии ҷавонон мусоидат намояд.

Дар самти ҳавасмандгардонии давлатии ҷавонони ҷоизадор ва соҳибистеъдод солҳои охир камфаъолии ҷомеа эҳсос мегардад, чун дар ин ҷодда танҳо институтҳои давлатӣ тадбирҳои имконпазирро меандешанду халос, дар кишварҳои ғарб бошад, баракс барои дастгирии соҳибистеъдодон ҷомеа ва соҳибкорон бештар талош меварзанд. Дар ҳамин асно васеъ

гардонидани амалҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷавонони соҳибистеъдод ба мақсад мувофиқ мебошад.

Такмил ва азнавсозии ҳаракатҳои хонандагон ва донишҷӯён дар заминаи муассисаҳои таълимӣ тавассути ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва волонтёрӣ аз манфиат холӣ нест. Бояд идора ва ҳамоҳангсозии системаи тарбиявии наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон вобаста карда шавад, чун айни замон бинобар сабаби ҷой доштани манфиатпазирии дохилиидоравӣ ин система дар ҳоли танназулёбӣ қарор дорад. Дар даврони Шӯравӣ вобаста гардидани ташкилоти пионерӣ ба ташкилоти комсомолӣ низ бо ҳамин мақсад буд.

**5. Таъминоти иҷтимоии ҷавонон**

Системаи кӯмаки иҷтимоӣ ва дастгирии ҷавонон қонеъгардонии эҳтиёҷоти аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳимро дарбар мегирад, аз ҷумла вазъи ногувору пурихтилофи ҷавонон, барқарорсозии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароитеро, ки онҳо тавонанд минбаъд дар фаъолияти ҳаётан муҳими ҷомеа иштирок намоянд, пешбарӣ менамояд.

Давлат вобаста ба паст кардани сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ байни ҷавонон, таҳкими системаи хизматрасонии дастрас ва муносиб дар тамъини нафақа, кӯмаки тиббию равонӣ, таҳсил ва таъмини манзил барои ҷавонони маъюб, бепарастор, оворагард, ҷабрдида ва осебпазир, инчунин мубориза алайҳи нашъамандӣ, майпарастӣ, ҷинояткорӣ, хариду фурӯши одамон ва хурофотпарастӣ байни насли наврас ва ҷавонон тадбирҳои таъхирнопазир меандешад. Дар ин росто ташаккули системаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва машваратӣ, васеъ гардонидани шабакаҳои мавҷудаи хадамоти иҷтимоӣ барои фаъолияти онҳо дар самти ташкили фароғат, гирифтани маълумот, ҳалли проблемаҳои муошират дар оила, мактаб, коллектив,

интихоби самтҳои пешбурди зиндагӣ ва мутобиқат ба ҷомеа бояд ба роҳ монда шавад.

Дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон, ки яке аз принсипҳои он ба муҳайё сохтани шароити мусоид барои бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани ҷавонон асос меёбад. Дар ҳоли рушди имкониятҳо, бахусус истифода аз технологияҳои иттилоотӣ усулҳои гуногуни ташкили бозори ҷойҳои кории холӣ мавҷуд аст, ки дастарсӣ, каммасрафӣ, истифодаи самараноки вақт ва шафофиятро таъмин менамояд. Дар заминаи татбиқ яке аз ин усулҳо бояд, ки дар сатҳи кишвар Бозори рақамии меҳнат дар шакли сомонаи интернетӣ ва маҳзани махсуси иттилоотӣ роҳандозӣ гардад. Бозори рақамӣ бояд дар ду самт фаъолият кунад (на дар як самти муқаррарӣ, ки танҳо кор бо ташкили ҷойи корӣ аст), яке самти муқаррарӣ, ки ҳамаи мо онро медонем, ин ташкили ҷойи кории холӣ ва самти дигар ин самти муосир, яъне ташкили маҳзани нерӯи меҳнатӣ – аз ҳисоби мутахассисон, коршиносон ва машваратчиён аст.

Мушкилоти дигар ва мубраме, ки дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад ин паст будани сатҳи тахассус, касб, дониши ҳуқуқӣ, маърифати баланди шаҳрвандӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ байни ҷавонон ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондану ба таври дуруст надонистани талаботи бозори меҳнат дар кишварҳои ба қувваи корӣ ниёз дошта мебошад. Дар ин радиф баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути ташкили мулоқотҳо, вохӯриҳо, семинарҳо ва озмунҳо, аз ҷумла чорабиниҳо дар мавзӯҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ, эмин будан аз шомилшавӣ ба ҳарактҳои иртиҷоӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, нашъамандӣ ва нашъаҷалобию ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

Масоили дигарие, ки то имрӯз роҳи ҳалли худро пурра наёфтааст ин дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон оид ба таъмини манзили истиқоматӣ мебошад. Тибқи таҳлилҳои мавҷудбуда, чун дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои оилаҳои ҷавон дар Тоҷикистон қарзҳои навъи ипотекӣ барои харидорӣ ва ё сохтмони манзили истиқоматӣ дастрас нестанд. Бо дарназардошти мушкилоти мавҷудбуда, зарурати таҳия ва амалигардонии механизми дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавонон оид ба таъмини манзили истиқоматӣ, ҳамчунин ҷалби ташкилотҳои молиявӣ ва бонкӣ дар амалисозии қарзҳои ипотекии имтиёзнок барои оилаҳои ҷавон ҷиҳати харидорӣ ва сохтмони манзили истиқоматӣ ба миён омадааст.

### 6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон ба он асос меёбад, ки ҳама гуна ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсии шаҳрванди ҷавон, ки мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда муқаррар гардидааст, эътироф карда шавад. Ин пеш аз ҳама дар амал татбиқ гардидани тамоми ҳуқуқ ва манфиатҳое, ки дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат қонунгузор нисбат ба насли ҷавон муайян кардааст, дар назар дорад.

Дар ҳамин радиф баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон оид ба маълумотнок гардидан ва истифода намудани ҳақу ҳуқуқҳои худ бештар бояд корҳои самаранок ва сифатнок амалӣ карда шаванд.

Бо мақсади ҳифзи самарабахши ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон бояд системаи адлияи ювеналӣ бо дарназардошти тарбияи ислоҳшавӣ ва сипас таъини ҷазо ташкил карда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти ҷавонон ин танзим ва банақшагирии оила ва пешгирии никоҳи барвақтӣ мебошад. Дар баробари бурдбории оилаи ҷавонро дар шароити ҷомеаи муосир мушкилоти гуногуни ҳаётӣ пеш омадааст, ки дар натиҷа сатҳи пасти иқтисодӣ, серфарзандӣ, ҷой доштани низоъ байни хонадорон ва ҷудошавӣ ҳамасола зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барномаҳои мусоидаткунанда ба мустақилияти комили ҷавонон дар интихоби ҳамсар ва хонадоршавию фарзандоршавӣ роҳандозӣ гардад ва дар он ҳар як мушкилот дар алоҳидагӣ омухта шуда, мавриди бартараф намудани он тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон масоили ҳалталаб дар тамоми соҳа зиёд аст, махсусан дар таъмини таҳсилот барои духтарон ва оворагардон поймолшавии ҳуқуқ ва манфиатҳо ҷой дорад. Бо дарназардошти бартарафнамоии ин ва дигар мушкилоти ҷавонон аз ҳама гуна ҳолатҳои номатлуб, мувофиқи мақсад аст, ки шабакаи хадамоти машваратӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ташкил ва рушд дода шавад.

Дар сатҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на дар ҳама ҳолатҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандии ҷавонон таъмин карда мешавад, ҳолатҳои поймол кардани ҳуқуқҳо ва муносибатҳои дурушт нисбат ба онҳо ҷой доранд, ки дастгирии ҳамагуна фаъолияти ташкилотҳо ва хадамот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ва баррасии муроҷиату даъвоҳои нисбат ба онҳо бояд тадбирҳои саривақтӣ дар ин радиф андешида шавад.

Воқеъист, ки дар ин синнусол шахси ҷавон бештар ба фароғат майл дорад ва яке аз воситаҳои осони дастрасии фароғат тариқи (маблағ кор кардан ва ҳаловат бурдан аз беназоратӣ) рафторҳои номуташаккилона ва ё номатлуб сурат мегирад. Аз ин рӯ, бояд коркарди механизми танзими фаъолият дар шакли маҳдудсозии ҳуқуқи ҷавонон барои ворид

гардидан ба маконҳои фароғатӣ дар нимашабҳо роҳандозӣ гардад.

Пӯшида нест, ки қисми муайяни наврасону ҷавонон аз сабаби паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ шомил мегарданд. Ҷиҳати бартараф сохтани ин мушкилот таҳия ва амалисозии механизми муосири устувор гардонидани нерӯи кадрии сохторҳои марбутаи идеологӣвобаста ба расонидани мӯҳтавои сиёсати давлат тавассути ташкили мунтазами чораҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Вобаста ба васеъ гардонидани имконот дар ҷараёни таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон зарур аст, ки иштироки намояндагони мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва ташкилотҳои алоқаманд дар баррасии мурочиату даъвоҳо дар мақомоти судӣ таъмин карда шавад. Ин ташаббус имконият медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, инчунин баланд бардоштани маърифати умумии ҳуқуқӣ дар ҷомеа, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба қонунҳо ва ғояҳои бунёдии рушди давлатдорӣ тақвият ёбад.

## 7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон

Дар даврони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дигаргуниҳои амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба амал омадаанд, ки дараҷаи шуғлнокӣ ва некуаҳволии мардуми кишварамон, аз ҷумла ҷавононро сифатан дигаргун намуданд. Дар натиҷаи ин, сатҳи бекорӣ зиёд гардида, бахши ғайрирасмии иқдисодиёт ва муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби қувваи қобили меҳнат, махсусан ҷавонон ба суръат афзоиш ёфта истодааст.

Маълум аст, ки сатҳи маърифатнокӣ ва ё маълумотнокии иқтисодии ҷавонон дар муқоиса ба

талаботи ҷомеаи муосир хело паст аст. Қисми зиёди волидон дар баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии иқтисодии фарзандон бетарафӣ зоҳир мекунанд, чун худи онҳо ба таври комил аз ҷабҳаҳои иқтисодии ҳаёт бархурдор нестанд. Дар ин самт бояд омӯзиши волидони ҷавон вобаста ба тарбияи иқтисодии фарзанд ба таври мунтазамӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон ҳавасмандгардони ҷавононро ҷиҳати ташкили хоҷагиҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ бо дастрасии қарзҳои бонкию давлатӣ ва таъмини макони фаъолият бояд мусоидат кард.

Яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳибкорӣ ва ба кор таъмингардӣ миёни ҷавонон, ин ташаккул додани механизми нави дастгирии барномаҳои тиҷоратии соҳибкорон ва хоҷагидорони ҷавон мебошад. Маълум аст, ки қисмати зиёди ҷавонон дар деҳот маскан гирифтаанд ва имконоти дастгирӣ намудани фаъолиятҳои гуногун, аз қабили таъсиси хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ ба монанди ангурпарварӣ, картошкапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, мурғпарварӣ ва дигар корҳои кишоварзӣ метавонад дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ байни ҷавонон мусоидат намояд.

Ҳамчунин, бо мақсади ҳавасманд сохтани соҳибкорҷавонони оянда ташаккули системаи дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавонро ҳануз аз айёми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба мақсад муовфиқ мешуморем. Дар давоми таҳсил метавон ҷавонони соҳибистеъдод ва майли соҳибкорӣ доштаро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, бо онҳо барои ташкили коргоҳҳо ва ба роҳ мондани фаъолияти муассири соҳибкорӣ кор бурд.

Мусалам аст, ки барои ба ҳадафҳои худ дар ҷодаи соҳибкорӣ ноил гардидани ҷавонон, ин пеш аз ҳама истифода бурдани тамоми имкониятҳои дар дохили кишвар буда ва ҳамчунин ҷалби сармояи хориҷӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Бо ин мақсад зарурати рушд додани грантҳо ва фармоиши иҷтимоии давлатӣ барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва

хоҷагидории ҷавонон ба миён омадааст, ки он метавонад дар самти бо кор таъмингардии ҷавонон тавассути рушди соҳибкории хурду миёна таҳовулоти муассир ба вуқӯъ биёрад.

## 8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон

Дилхоҳ давлати мутамаддин дар асоси рӯҳияи баланди ватандӯстии шаҳрвандонаш тараққӣ меёбад ва воқеъист, ки дар ин раванд таввачӯҳи беш ба насли ҷавон дода мешавад.

Дар ин раванд баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон, равнақи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллии онҳо дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат яке аз омилҳои таҳкиму тақвият бахшидани истиқлолият ва муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа мебошад.

Вобаста батаблиғи ғояҳои асосии миллӣ аз қабили садоқат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи бошарафона, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни ҷавонону наврасон мунтазам ташкили чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ мувофиқи мақсад аст.

Яке аз асостарин омилҳое, ки мавқеи ҷавононро дар ҷомеаи имрӯза нисбат ба Ватан муқаррар мекунад, ҳамасола маъракаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ мебошад. Дар ин самт баргузории конференсияҳои илмию методӣ ва ҳавасмандсози ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи филмҳо ва барномаҳои театрии дорои хусусияти ватандӯстона бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, муайян кардани имтиёзҳои гуногуни иҷтимоӣ барои ҷавонони адои хизмати ҳарбӣ карда боиси баланд гардидани нуфузи Қувваҳои Мусаллаҳ ва рафъи мушкилотҳои сунъӣ дар ин самт мегардад. Аз ҷумла, додани имтиёзҳо барои ҷавонони ихтиёрӣ ба монади додани рутбаи ҳарбӣ, дохилшавӣ ба мактабҳои касбӣ, ба кор қабул шудан (бахусус дар мақомоти қудратӣ), таъмини қитъаи замин барои сохтмони

манзил ва ғайра боиси қаноъатмандии омма метавонад гардад.

Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, қисми зиёди сарбозон аз оддитарин меъёрҳои ҳуқуқӣ бехабаранд, оид ба Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунанда вобаста ба хизмати ҳарбӣ маълумоти пурра надоранд. Дар ин самт ташкили озмунҳо барои таҳияи асарҳо, мақолаҳо (бахусус, дар матбуоти даврӣ), китобҳо ва намоиши филмҳои ватандӯстона тариқи кинотеатрҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таъсис ва дастгирии маҳфилҳои худфаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон бо иштироки бевоситаи нерӯҳои бохирад, аз ҷумла зиёиён муҳимтарин василае ҳаст, ки метавонад дар баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши асосҳои таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

## 9. Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон

Аз саҳифаҳои таърих номи ҳар халқу миллат тавассути илму фарҳанг ва санъати ҳунари воломақомаш сабт мешавад. Дорои таъриху маданият ва санъату адабиёти бою қадима будани халқи тоҷик ба оламиён маълум аст. Муҳимтарин василаи баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ҳам ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад.

Дар самти ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон дар тамоми кишвар мунтазам баргузории чорабиниҳои умумҷумҳуриявӣ, аз қабили Фестивали “Ҷавонони Тоҷикистон”, Озмун-фестивали ҷавонон “Ориён-Сомониён-Тоҷикистон”, Моҳонаи ҷавонон дар доираи таҷлили санаҳои таърихӣ, озмунҳои “Маҳфили ҳозирҷавобон” ва “Маҳфили зарифон” бояд ба роҳ монда шавад.

Дар давоми соҳибистиқлолии кишвар дастгирӣ ва рушд додани барномаҳои консертии ситораҳои ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар ва бар ин васила муаррифӣ намудани соҳаи санъати миллӣ яке аз ҳадафҳои аслии сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Барои ин ҷиҳати рушд ва таъминоти моддии инфрасохтори фарҳанг – дастгирии театрҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ ва ғайритаълимии донишҷӯён, ки ба инкишофи фароғат ва манфиатҳои насли ҷавон мусоидат менамояд, кӯшишу талошҳои пай дар пайӣ ба харҷ дода шавад.

Самти муҳими тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва ватандӯстии ҷавонон бояд аз ҳимояи онҳо аз таъсири манфии моҷароҷӯӣ ва таассуби динӣ иборат бошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ҷиҳати роҳ наёфтани ақидаҳои моҷароҷӯиву динӣ дар байни ҷавонон механизмҳои ҳимоявӣ таҳия карда шавад.

Дар замони муосир соҳаи туризм яке аз бахшҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳсуб ёфта, ба рушди бемайлони иқтисодиёти мамлакатҳо ва равобити судманди байни мардумони кишварҳои мухталиф мусоидат менамояд. Вобаста ба ин ва бо назардошти захираҳои бойи табиӣ ва таърихию фарҳангии кишвар сатҳи ба сайёҳат фаро гирифтани наврасону ҷавонон дар ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки насли ҷавон аз мавзеъҳои таърихии кишвар тамоман бархурдор нестанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ин самт таҳия ва амалигардонидани барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳии фароғатӣ ва сайёҳати наврасон ва ҷавонон ба мавзеъҳои таърихӣ бояд ҷорӣ карда шавад. Ҳамзамон, беҳтарин василаи ҷалби наврасону ҷавонон ба мавзеҳои таърихии кишвар ва огоҳонӣ аз ёдгориҳои миллӣ ин таҳия ва таъмини маводи иттилоотӣ ба аҳолӣ оид ба тарғиби сайру сайёҳат ва фароҳам овардани шароит ва ҳавасмандгардонии ширкатҳо дар ташкили сайёҳати дохилӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки дар шароити имрӯзаи раванди ҷаҳонишавӣ майли ҷавонон ба ақидаҳои беасоси аҷнабӣ ва сарватҳои моддӣ афзуда истодааст. Қисми зиёди наврасону ҷавонон аз сабаби паст будани сатҳи маънавиёт шомил ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ахлоқӣ мегарданд. Дар ҳамин радиф ҷалби ҷомеаи маҳаллӣ, бахусус раисони маҳаллаҳо, шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар ташкили мунтазами мулоқотҳо оид ба тарбия ва таълими насли наврас (бахусус духтарон), танзими оила ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз ҳама гуна омилҳои номатлуби иҷтимоӣ, ба монанди худкӯшӣ, ҷинояткорӣ, танфурӯшӣ, шомил шудан ба ҳаракатҳои иртиҷоӣ пеш омадааст.

**10. Заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон**

Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардидааст.

Чун анъана ин соҳа ҳамчун мактаби кадрӣ шинохта мешавад ва мунтазам кормандони соҳа ба зинаҳои дигар ва болотари идораи давлатӣ мебароянд. Дар ҷаҳон сиёсати давлатии ҷавонон пурзур гардида истодааст ва онро ҳамчун соҳаи илм бо мафҳуми «Ювенология» ва ё илм дар бораи ҷавонон бисёр кишварҳо пазируфтааст.

Барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат зарур аст, ки заминаи илмию амалӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул дода шавад.

Тавре маълум аст, дар раванди идоракунии давлат вобаста ба шароити ҷомеаи муосир то ҳол мақоми таълимию методӣ оид ба тарбияи касбӣ, омодасозии кадрҳо - сарварони ҷавон мавҷуд намебошад, ки ин мушкилот дар тавсия нагардидан ва

муқаррар нагардидани квотаҳо ҷиҳати дар ниҳодҳои мақомоти давлатӣ роҳ ёфтани кадрҳои ҷавон асос шуморида мешавад. Дар ин росто андешидани тадбирҳои муассир, аз қабили роҳандозӣ намудани ниҳоди махсусгардонидашуда дар самти пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилию иттилоотӣ мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ҷамъоварии иттилооти оморӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ механизми нав аз ҷониби мақомоти ҷамъоварикунандаи омор ҷорӣ карда шавад ва ин ташаббус имконият медиҳад, ки самаранокии кор дар сатҳи мақомоти давлатии кор бо ҷавонон таъмин гардад. Ҳамзамон, ташаккул ва устувор сохтани имконоти амалӣ ва техникии Омори сиёсати давлатии ҷавонон ба манфиати кор мебошад.

Тибқи талабот ва арзишҳои ҳастии инсонӣ шахс, бахусус эҷодкор ҳамеша ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ ниёз дорад, вале ин талаботи ҳаётӣ то ҳадди имкон қонеъ гардонида намешавад. Дар ин самт таҳияи механизми ҳавасмандгардонии давлатии олимони ҷавон тавассути барномаҳои алоқаманди давлатӣ ба истифода гардидани имкони амалии соҳибистеъдодон ва эҷодкорон ба манфиати ҷомеа боис мегардад.

## Б. Устувор гардидани заминаи меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон

Дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бо дарназардошти вазъияти воқеии ҷавонон ва татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ба якчанд сандаҳои зерини меъёрии ҳуқуқии соҳа тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

**Тағйироту иловаҳо баҚонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» бо мақсади такмили қонунгузории соҳаи мазкур ва мутобиқ намудани он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

Заминаи ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи зикргардидаро талаботи банди 9 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён намуда буданд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 тасдиқ шудааст) ташкил намуда, тибқи он ба моддаҳои 1, 3, 4, 9, 14, 21, 28 ва 29 он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо ҳамин мақсад тағйироти ба моддаи 1 пешниҳодшаванда бахри амалӣ сохтан ва таъмини фаъолияти пурсамари ихтиёрии ҷавонон дар кишвар оварда шудааст.

Тағйиротҳои ба моддаҳои 3 ва 4 воридшаванда бо мақсади пурра намудани мақсаду принсипҳои сиёсати давлатӣ пешниҳод гаштаанд, ки дар ин раванд қонуният, фаъолнокии ҷавононро дар фаъолияти иқтисодӣ ва сиёсии кишвар таъмин месозад.

Дар моддаи 14 Қонун муайян кардани имконот ҷиҳати иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон метавонад барои фаъолнокӣ ва эҳсос баланди масъулиятнокӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намояд. Нобобаста аз ин, имрӯзҳо қисми зиёди ҷавонон дар таҳия ва амалӣ сохтани тадбирҳои зиёди соҳа ҷалб мегарданд, вале принсипҳои идории сиёсати давлатии ҷавонон мақеи қонунии онҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар моддаи 29 Қонун бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи миллӣ таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар

гардидааст. Ин таҷриба дар арсаи ҷаҳонӣ, бахусус кишварҳои Аврупо ва ИДМ аллакай татбиқёфта маҳсуб мегардад ва натиҷаҳои хуб низ ба бор овардааст. Таъсиси ин ниҳод дар сатҳи миллӣ метавонад ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ки ҳамчун стратегияи давлатӣ муқаррар шудааст, такони ҷиддӣ бахшад.

Тағйироту иловаҳо дар моддаи 21 ба беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон, аз ҷумла дастгирии оилаҳои ниёзманди ҷавон барои таъмини манзил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар байни ҷавонон мусоидат менамояд. Ин тағйиротҳо ба тақозои шароити амалии сиёсати давлатии ҷавонон ва ҷомеаи ҷаҳони муосир мувофиқ мебошанд.

Моддаи 28 Қонун барои тақвият додани масъулияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон тағйиротро талаб менамояд. Дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии ҷавонон дастгирии ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи мақсад аст. Новобаста аз ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар чанде аз қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи волонтёрӣ” вазифадор гаштаанд.

**Тағйироту иловаҳо ба Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №228 «Оид ба тасдиқи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир таҳия карда шуд.

Заминаи ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи зикргардидаро талаботи банди 9 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён намуда буданд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 тасдиқ шудааст) ва банди 11 Нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2014 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №424 тасдиқ шудааст) ташкил намуда, тибқи он ба бандҳои 1 ва 4 Консепсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо ҳамин мақсад тағйироти ба зербанди якуми банди I Консепсия пешниҳодшаванда баҳри амалӣ сохтан ва таъмини фаъолияти мустақилонаи ҷавонон дар кишвар оварда шуд.

Банди IV Конспесия дар таҳрири нав таҳия карда шуд, чун он соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро пурра фаро мегирад. Тағйироти мазкур бо дарназардошти камтаъсир шудани муқаррароти пешин ва тақозои ҷомеаи муосир ворид карда шудааст. Ҳамчунин, дар лоиҳаи қаблӣ соҳаҳои афзалиятнок 6 адад буда, дар тағйироти нав он ба 10 адад фарогирандаи тамоми масъалаҳои мубрами ҳаётии ҷавонон расонида шуд.

Дар баробарин ин, дар лоиҳа иқтибосҳо аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар ду соли охир, ҳамчунин мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 ба инобат гирифта шудааст.

**Зиёд кардани теъдоди ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 1998, №301 “Оид ба тасдиқ намудани Низомнома дар бораи

ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд" мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст.

Боиси зикр аст, ки мақсади асосии Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар баробари дастгирии олимони ҷавон ин дарёфти истеъдодҳои нав ва мусоидат ба амалигардонӣ ва ё муаррифии корҳои илмии беҳтарини анҷомдода дар шароити ҷомеаи муосир мебошад.

Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ ба шарафи пешвои нахустдавлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ таъсис ёфтааст ва он дар баробари дигар ҷоизаҳои давлатӣ мавқеъи хосаро ишғол намудааст, чун он хусусияти миллӣ касб кардааст ва ҳамасола дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ба миқдори 6 адад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷоизадорони ҷавон қадр карда мешавад.

Ҷоиза аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонҳамасола тариқи озмун ташкил карда мешавад. Барои таъмини шаффофият дар кори озмуни ҷоиза ҳар сол Комиссия дар ҳайати олимони варзида, аз қабили академикҳо, профессорон ва намояндагони масъули мақоми ваколатдори давлатии соҳа таъсис дода мешавад.

То имрӯз тибқи тартиби муқарраргардида 119 олимони ҷавон сазовори ҷоизаи И.Сомонӣ гардиданд, ки корҳои анҷомдодаи онҳо дар амал ва ба манфиати ҷомеа қарор доранд.

Сол аз сол теъдоди хоҳишмандон барои дарёфти ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ аз ҳисоби олимони ҷавон зиёд гардида истодааст. Танҳо дар соли ҷорӣ 39 нафар барои иштирок дар озмун корҳои худро ба Кумита пешниҳод намуданд, ки ҳамагӣ 6 нафари онҳо тавонистанд соҳиби ҷоиза гарданд.

Мебояд иброз намуд, ки ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ танҳо барои шаҳрвандони то 35 сола муқаррар карда шудааст ва бо гузашти синну сол барои шахси ҷавон иштирок дар озмун ғайриимкон мегардад. Ин дар ҳолест, ки аксарияти ҷавонон маҳз дар синнусоли 32-37 рисолаи илмии худро дифоъ менамоянд.

Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома дар бораи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, ба миён омад. Мутобиқи ин лоиҳа теъдоди ҷоиза зиёд гардида, мутаносибан маблағи он кам карда мешавад. Яъне, ҷалб ва ҳавасмандгардонии теъдоди зиёди олимони ҷавон имконпазир мегардад, ки ин иқдом дар шароити ҳозираи иқтисодии кишвар ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегардад.

**Танзими муносибатҳо дар татбиқи стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва коллеҷҳо**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №283 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи таъсис додани стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва коллеҷҳо» мутобиқи моддаи 42 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» таҳия гардидааст.

Боиси зикр аст, ки мақсади асосии стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳавасмандгардонӣ, дастгирии соҳибистеъдодон ва

фаъолноксозии насли ҷавони кишвар ва дар ин замина инкишофи ҳиси ватандӯстиву худшиносии миллии онҳо, арҷгузорӣ ба таърих ва тамаддуни халқи тоҷик, фароҳам овардани шароит барои худташаккулёбӣ ва ишғол намудани мавқеи хоси хеш дар ҷомеа мебошад.

Айни замон ин стипендия барои нӯҳ моҳи соли таҳсил бо маблағи 378 сомонӣ (барои як моҳ) муқаррар гардида, 300 ададро ташкил медиҳад. Ҳамасола садҳо ҷавонон барои дарёфти стипендия талош варзида, беҳтаринҳо тариқи озмун интихоб карда мешаванд. Ҳамазмон, дар сатҳи маҳалҳо барандагони стипендия мунтазам дар чорабиниҳои гуногуни ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, ки фаъолияти онҳо дар доираи Маҳфили стипендиятҳо ба танзим дароварда мешавад.

Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №283 ин устувор гардонидани заминаҳои меъёрию ҳуқуқии стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи самараноки буҷети давлатӣ ва ба низоми муайян даровардани фаъолияти ҷамъиятии барандагони стипендия мебошад.

**Зиёд кардани теъдоди грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №167 «Оид ба таъсиси грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон» мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва банди 21 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи

соли 2013 баён гардиданд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 тасдиқ шудааст) таҳия гардидааст.

Боиси зикр аст, ки мақсади асосии Грант ин инкишофи ҳисси ватанпарастиву худшиносии миллии ҷавонон, арҷгузорӣ ба таърих ва тамаддуни халқи тоҷик, фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият ва дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон дар ин самт мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ 150 адад ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон фаъолият менамоянд, ки қисми зиёди онҳо нисбат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон камфаъол мебошанд.

Зарурати зиёд кардани грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон ба ҷалби иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар тарбияи ватандӯстию меҳанпарастии насли ҷавони кишвар, зиёд гардидани талабот барои амалӣ намудани чорабиниҳои хусусияти ҷамъиятии маҳаллӣ дошта ва тақозои ҷомеаи муосир дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ки фаъолнокии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро тталаб менамояд. асос меёбад.

Ҳамчунин, дурнамои ташаббуси мазкур бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва талаботи воқеии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир, ҳамчунин дар роҳи расидан ба ҳамзистиву бародарӣ ва ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва он ҳама гуна тундравӣ, бадбиниву хушунат, хурофотпарастӣ, иштироки фаъол дар татбиқи босамари Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад.

Боиси зикр аст, ки гранти мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқотҳои расмӣ бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ бо мақсади мусоидат дар тавсеа бахшидани эҳсоси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон ҳамасола 5 адад аз соли 2006 ҳар кадом дар ҳаҷми 10000 (даҳ ҳазор) сомонӣ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон дода мешуд ва пешниҳод мегардад, ки оғоз аз соли 2016 теъдоди ин грант то 10 адад зиёд карда шавад.

Зиёд гардидани теъдод ва маблағи грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон ба мо имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иштироки фаъоли ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи сифатан нав таъмин намоем.

**Ҳамзамон, санади дигаре омода гардид, ин Қоидаҳои бақайдгирии шахсони хоҳишманд барои машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои бақайдгирии шахсони хоҳишманд барои машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва лоиҳаи Қоидаҳои бақайдгирии шахсони хоҳишманд барои машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбо мақсади танзим ва ҳуқуқикунонии муносибатҳо дар амалӣ сохтани фаъолияти волонтёрӣ нисбат ба шахсони хоҳишманд тартиб дода шудаанд.

Заминаи ҳуқуқии таҳияи санадҳои зикргардидаро талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» ташкил медиҳад.

То имрӯз фаъолияти волонтёрӣ дар кишвар заминаи ҳуқуқии бақайдгирӣ надорад, ки он боиси

истифодаи бесамари иқтидорҳои волонтёрон ва ташаббусҳои онҳо гаштааст.

Дар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Аврупо, Амрико ва Чин нисбат ба ин навъи фаъолият маҳз мавҷуд будани системаи бақайдгирии муттамарказонидашуда боис гаштааст, ки неруи волонтёрӣ пурсамар истифода карда шавад. Ҳамзамон, ин ин кишварҳо имкон пайдо кардаанд, ки барои беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии сайёра волонтёрони худро ба дигар кишварҳо ҳамчун кӯмаки ҷисмонӣ/инсонӣ сафарбар созанд.

Бо муқаррар гардидани системаи муттамарказонидашудаи бақайдгирии фаъолияти волонтёрӣ, Тоҷикистон низ метавонад аз ин неру пурсамар истифода намояд ва ба дигар кишварҳои эҳтиёҷманд низ кӯмак расонад.

Аз лиҳози молиявӣ амалигардии ин Қоидаҳо маблағи иловагиро талаб намекунад, чун он асосан тавассути шабакаи интернетӣ ба роҳ монда мешавад. Қаисматҳои ташкилии система бошад, тавассути сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ гардонида мешавад.

Фаъолияти волонтёрӣ асосан дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолияти каммасраф ва фоиданоки ҷамъиятӣ шинохта шудааст ва барои ҷамъияту давлат манфиати зиёди иқтисодӣ ба бор меорад. Дар ин навъи фаъолият қувваи инсонӣ куллан бепул истифода мегардад, ки дар ҳама гунна фаъолият нафъи зиёди молӣ меорад. Мисол, агар дар фаъолияти сохтмонӣ қувваи инсонӣ 30% маблағи умуми лоиҳаро ташкил диҳад, пас бо истифода аз неруи волонтёрӣ ба ҳамин андоза баробар маблағ дар дилхоҳ сохтмон сарфа мегардад.

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои бақайдгирии шахсони хоҳишманд барои машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва лоиҳаи Қоидаҳои бақайдгирии шахсони хоҳишманд барои

машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррааргардида ба вазорату идораҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кор бо занон ва оила ва оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ мувофиқа гардида, кулли пешниҳоду эродҳо қабул карда шуданд.

## B. Амалиётҳои таблиғотию ташвиқотӣ баҳри татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар

Бо мақсади паҳн намудани иттилооти комил ва ҷалби доираи васеи ҷавонон ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ Кумита таҳия ва амалӣ гардонидани силсилаи амалиётҳоро тасмим гирифт.

Дар поён мухтассар маълумот ва консепсияву барномаҳои амалиётҳои гузаронидашуд ва гузаронидашудаистодаи Кумита барои иттилоотнокӣ ва истифода оварда мешавад (замимаҳои B1, B2 ва B3).

## Замимаи В1. Барномаи баргузории Амалиёти оммавӣ «Биёед, китоб мехонем!»

## МУҚАРРАРОТИУМУМӢ

Дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои асосӣ ин таъмини иштироки ҷавонон дар рушди фарҳанг ва бар ин васила тақвият бахшидани китобхонию китобдорӣ дар байни насли наврас ва ҷавон мебошад.

Хониши китоб ба шахси ҷавон на танҳо илму маърифат, балки иродаи қаввӣ, хулқу атвори инсонӣ, одоби ҳамида, таҳаммулпазирӣ ва поктинатӣ мебахшад.

Имрӯзҳо барои дастрасии ҷавонон ба китобу китобхонӣҲукумати кишвар пайваста тадбирҳо анҷом дода истодааст. Таъсиси Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ки субъекти иттиллотӣ, илмию амалӣ ва захиравии сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб мегардад, барои шуғлмандии ҷавонон ба китобхонию амалӣ сохтани корҳои таҳқиқотии иттилоотӣ имконияти фарох фароҳам овардааст.

Ҳамчунин, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо пайваста дар самти рушди имконоти ҷавонон барои дастрасӣ ба маводҳои китобӣ тадбирҳо амалӣ гашта истодааст, ки боиси дастгирӣ мебошад.

Аммо, имрӯзҳо бинобар сабаби рушд ёфтани технологияҳои иттиллотӣ ва васеъ гаштани имконоти дастрасии он, шавқу рағбати ҷавонон ба хониши китоб кам гаштааст, ки он ба камсавод гаштани қишри муайяни ҷавонон боис шуда метавонад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ташвиқу таблиғи китобхонию китобдорӣ дар байни ҷавонон баргузории Амалиёти “БИЁЕД, КИТОБ МЕХОНЕМ!” пешниҳод мегардад.

**МАҚСАД:**

- Ҷалби наврасону ҷавонон ба хониш ва нигаҳдории китоб ва бар ин васила ҳидоят сохтани онҳо ба аз худ кардани илму маърифат, хулқу атвори инсонӣ, одоби ҳамида, таҳаммулпазирӣ ва худогоҳию поктинатӣ;
- Истифодаи самараноки вақтҳои холигии наврасон ва ҷавонон зимни ҷалби онҳо ба хониши китоб дар айёми таътили тобистона ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз бекоргардию беҷогардӣ ва амалҳои номатлубу номуносиби ҷамъиятӣ;
- Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба фарҳанги истифодаи китоб, аз ҷумла равонасозии китобҳои мутолиагашта ва бекорхобида барои хониши такрорӣ.

**МУРОҶИАТИ ТАШКИЛКУНАНДАГОН:**

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ аз ҳамаи шаҳрвандон даъват ба амал меорад, ки ҷиҳати маърифатнокии аҳолӣ китобҳои дар хона бекорхобидаро ба Кумита ва сохторҳои он дар маҳалҳо (тариқи телефони (837) 2363726, 2248059) то охири соли 2014 супоранд. Китобҳои ҷамъоваригардида ҷиҳати истифода ба китобхонаҳои ноҳияҳои дурдаст, муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ ва қисмҳои ҳарбӣ расонида мешаванд.

**ВАЗИФАҲО:**

1. Баргузории Амалиёти/ҳамоиши оммавӣ дар Боғи фарҳангию фароғатии устод Рӯдакӣ оид ба хониши китоб ва тақсимоти китобҳои бадеӣ дар байни шаҳрвандони сайругаштдошта:
   - Дастрас намудани 1000 адад китобҳои гуногуни бадеӣ, инъикоскунандаи хулқу атвори инсонӣ, одоби ҳамида, таҳамулпазирӣ ва худогоҳию поктинатӣ;

- Ҷамъоварӣ намудани 2000 китобҳои мутолиагашта ва бекорхобида ва дастрас гардонидани (таъмини) онҳо ба китобхонаҳои ноҳияҳои дурдасту ниёздоштаи кишвар, муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ ва қисмҳои низомии кишвар;
- Ҷалби волонтёрон ва омӯзиши онҳо барои тақсим кардани китобҳои бадеӣ дар байни шаҳрвандон мавриди сайру гашти фароғатии онҳо;
- Амалӣ намудани нашри махсус ва тарғиботии Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ба теъдоди 1000 нусха ва тақсим намудани онҳо байни иштирокдорони Амалиёт;
- Ҷалб сохтани ВАО барои сабт ва пахши чораёни баргузории Амалиёт, аз ҷумла ташкили сӯҳбатҳо бо шахсони китобхон.

2. Пешниҳоди Гузориши муфассал аз натиҷаи Амалиёт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ҲАМОҲАНГСОЗ:**

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ИҶРОКУНАНДАГОН:**

- Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶВС);
- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе (МИМҲД);
- Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВФ);
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ);
- Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КТР);
- Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМ);
- Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон (АМВТ);

– Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (ИЖТ);
– Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (ИНТ).

**ВОЛОНТЁРОН:**

Дар амалисозии Амалиёт 50 волонтёрон аз ҳисоби Кумита ва 30 волонтёрон аз ҳисоби Китобхонаи миллӣҷалб карда мешаванд.

Барои волонтёрон вобаста ба амалӣ намудани корҳои ташкилӣ 8-9 августи соли 2014 дар толори Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон “Ориёно” омӯзиш гузаронида мешавад.

40 волонтёрони Кумита бо либосҳои махсус таъмин карда мешаванд, ки онҳо асосан машғули чорабиниҳои амалии тарғиботии Амалиёт мегарданд. Боқимонда волонтёрон ҷиҳати ташкили лаҳзаҳои китобхонӣ омода карда мешванд.

**ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДНОК:**

– Шаҳрвандони ҷавони дар кӯчаю боғҳо сайругаштдошта;
– Волонтёрон.

**МАКОНИ БАРГУЗОРӢ:**

Боғҳои устод Рӯдакӣ, Парчам ва Нишон

**ҚИСМАТҲОИ ТАШКИЛИИ АМАЛИЁТ:**

Амалиёти оммавӣ оид ба хониши китоб ва тақсимоти китобҳои бадеӣ дар Боғи фарҳангию фароғатии устод Рӯдакӣ, майдонҳои Парчами давлатӣ ва Нишон дар байни шаҳрвандони ҷавони сайругашт дошта ташкил мегардад.

Амалиёт иборат аз ду қисмат, тақсими китобҳои бадеӣ ва хониши китобҳо доир карда мешавад.

Барои тақсимоти китобҳо волонтёрони АМВТ ҷалб мегарданд, ки онҳо пешакӣ барои амалӣ сохтани ин иқдом омӯзонида мешаванд.

Китобҳо аз ҳисоби ҳамкорон ба теъдоди 1000 адад ҷамъоварӣ гашта, байни шаҳрвандони ҷавон дар айёми сайру гашти бегоҳирӯзии онҳо тақсим карда мешаванд.

Хониши китобҳо аз ҷониби шаҳрвандони сайругаштдошта дар назар дошта мешавад ва ҷараёни хониш бо ҷалби ВАО сабт мегардад. Интизорӣ меравад, ки бо шахони машғули китобхонӣ буда сӯҳбати телевизионӣ ташкил мегардад. Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини самранокии сӯҳбатҳо волонтёрони АМВТ пешакӣ барои ин иқдом (хониши китоб ва сӯҳбати телевизионӣ) омода карда мешаванд.

Дар баробари ин таблиғи китобхонӣ бо ҷалби соҳибқаламон тариқи таҳия ва нашри мақолаҳои тавассути ҳафтаномаҳои даврӣ, бахусус Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" таъмин мегардад.

Дастрасии китобҳои бадеӣ бо фарогирии мавзуоти зерин дар назар дошта шудааст:

- корнамоиҳо ва қаҳрамониҳои аҷдодӣ;
- тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ;
- эҳтироми падару модар ва дигар наздикон;
- ахлоқи ҳамидаи инсонӣ;
- таҳамулпазирӣ ва инсондӯстӣ;
- поктинатӣ ва хештаншиносӣ;
- ишқу муҳаббати самимӣ;
- оиладорӣ ва таҳкими дӯстӣ;

ва ғайра.

**Тартиби иштироки волонтёрон**

Волонтёрон ба се гурӯҳҷудо мешаванд: гурӯҳи тақсимотӣ; гурӯҳи китобхонон ва гурӯҳи мусоҳибон.

**Гурӯҳи тақсимотӣ** ба 5 зергурӯҳҷудо шуда, ҳар кадом иборат аз 8 нафар  дар атрофи/роҳравҳои Боғи Рӯдакӣ, майдонҳои Парчам ва Нишон ба ҷалб ва роҳсипо намудани шаҳрвандон барои иштирок дар ҷараёни тақсимкунии китоб машғул мегарданд. Ҳамзамон, ҳамин волонтёрон ба шаҳрвандони вориди

Боғ шуда истода, рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон”-ро тақсим менамоянд.

Як зегурӯҳи волонтёрон иборат дар маркази Боғ дар назди Муҷассамаи устод А.Рӯдакӣ ба тақсими китобҳои бадеӣ ба шаҳрвандони майли китобхонӣ дошта машғул мегарданд. Барои ин дар нуқтаи муайян ду миз гузошта шуда, он бо навиштаҷоти “АКСИЯ “Биёед китоб мехонем!” оро дода мешавад. Ба ҳар нафари хоҳишманд як адад китоб дода мешавад ва хоҳиш карда мешавад.

**Гурӯҳи китобхонон** иборат аз ду зергурӯҳ, яке 10 нафар, дигаре 30 нафар ба хониши китоб машғул мегарданд.

Зергурӯҳи даҳнафара ба ҳайси шаҳрванди оддӣ барои хониши китоб дар дохили (дар баробари дигар шаҳрвандон) машғул мегарданд, гурӯҳи дигар иборат аз 30 нафар ба хониши китоб дар атрофи Китобхонаи миллӣ ва боғҳои Нишону Парчам машғул мегарданд.

**Гурӯҳи мусоҳибон** иборат аз 10 нафар, ки дорои малакаи рузноманигорианд ва ё дар воқеъ рӯзноманигоранд ба оростани сӯҳбат бо шаҳрвандони машғули хониши китоб буда банд мегарданд. Эҳтимол меравад, ин гурӯҳ аз ҳисоби намояндагони ВАО ҷалб карда мешавад.

**Васоити ахборӣ омма,** аз ҷумла шаббакаҳои радиоӣ ва телевизионӣ барои таблиғи китобхонию китобдорӣ ва супурдани китобҳои мутолиагардида тариқи ташкили мусоҳибаҳо ва барномаҳои махсусгардонидашуда ҷалб карда мешаванд.

Интизорӣ меравад, ки намояндагиҳои ВАО бо мо дар ташкили ин иқдом ҳамақида буда, то охири соли 2014 ҷиҳати таблиғи китобхонӣ ва ҷамъоварии китобҳои мутолиагардида ба таври мунтазамӣ саҳмгузорӣ менамоянд. Боиси зикр аст, ки китобҳои ҷамъоваригардида ҷиҳати истифода ба китобхонаҳои ноҳияҳои дурдаст, системаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ ва қисмҳои ҳарбӣ расонида мешаванд.

Дар ҷамъбасти Амалиёт барои барномаи телевизионии беҳтарин, барномаи радиоии беҳтарин ва барномаи рӯзномавии беҳтарин озмун гузаронида шуда, ғолибон бо сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравии ташкилкунандагон сарфароз гардонида мешаванд.

**БАРНОМАИ АМАЛӢ**

| № | Номгӯи чорабинӣ | Сана | Иҷрокунандагон | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷалб ва омодасозии волонтёрон барои иштироки фаъол дар Амалиёти оммавӣ оид ба хониши китоб | 14 июл-12 август | КҶВС, АМВТ | |
| 2. | Таъмини китобҳои гуногуни бадеӣ мувофиқи мавзуоти муайянгашта | 14 июл-12 август | ВФ, КМ | |
| 3. | Сабт ва пахши ҷараёни Амалиёти оммавӣ оид ба хониши китоб | 12 август | КТР | |
| 4. | Таҳия ва нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ оид ба таблиғи китобхонию китобдорӣ | 1-12 август | КҶВС, ВМИ, ВФ, КТР, КМ, ИЖТ ва ИНТ | |
| 5. | Баргузории Амалиёти оммавӣ оид ба хониши китоб ва тақсимоти китоб дар Боғи фарҳангию фароғатии устод Рӯдакӣ ва майдонҳои Пачам ва Нишон | 12 август | КҶВС, МИМХД дар ш.Душанбе, АМВТ, ВМИ, ВФ, КМ, ИЖТ ва ИНТ | |

Нишонӣ барои тамос:
Тел.: 2363726, 935753080
grant@youth.tj, youth@youth.tj

**Замимаи В2. Амалиёти умумиҷумҳуриявии ҷавонон оид ба 100 рӯзи ободонӣ таҳти унвони «Ин Ватанро мо ҷавонон сабзу хуррам мекунем!»**

Мақсад аз ташкил ва баргузории Амалиёт ин тарбияи ҷавонону наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, тавсеа бахшидан ба корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба 20-солагии Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебшад.

Амалиёт аз 29 июл то 5 ноябри соли 2014 дар қаламрави ҷумҳурӣ Амалиёти умумиҷумҳуриявии ҷавонон оид ба 100 рӯзи ободонӣ таҳти унвони «Ин Ватанро мо ҷавонон сабзу хуррам мекунем!» баргузор мегардад. Барои татбиқи самараноки он ташкилотҳои система ва сохторҳои маҳаллии Кумита бо ҷалби наврасону ҷавонон ҳар рӯзи шанбе дар назди биноҳо, майдончаҳои тобеи худ, гулгашту боғҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва биноҳои маъмуриву маишӣ корҳои ташкиливу ободониро ба анҷом мерасонанд.

Зимни баргузории корҳои ободонӣҷалби теъдоди ҳарчӣ бештари ҷавонону наврасон дар баробари корҳои ободонӣ, дар ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ мувофиқи мақсад аст.

Барои тарғибу ташвиқи Амалиёт ҷалби ВАО, бахусус рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» аз ҷараёни Амалиёти мазкур ҷиҳати омода ва нашр намудани хабару мақолаҳо ва барномаҳо тависия дода мешавад.

Нишонӣ барои тамос:
Тел.: (37) 2367815, 2363726
pressa@youth.tj, youth@youth.tj
www.youth.tj, www.volunteer.tj





## Замимаи В3. Амалиёт оид ба ҷамъоварии қоғазпора

### ДИҚҚАТ! АМАЛИЁТ!

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дар якҷоягӣ бо Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон (АМВТ), Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон (ИТҶТ) ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон (ИҶТ) Амалиёти ҷумҳуриявиро оид ба ҷавмъоварии қоғазпораҳои кӯҳна доир менамояд.

### «ДАРАХТОНРО ҲИФЗ МЕНАМОЕМ»

Ҳамарӯза аз манзилҳои истиқоматӣ ва коргоҳҳо дар тамоми манотиқи кишвари мо қоғазҳопораҳои зиёдеро мепартоянд. Мавриди истифодаи дуруст ва самараноки қоғазҳо аз тарафи ҳар яки мо, онҳоро метавон дубора истифода ва ҳазорҳо дарахтонро ҳифз намуд. Зеро коркарди як тонна қоғазкӯҳна 10 дарахтро ҳифз менамояд, 20000 лт. об, 1000 кВт қувваи баркро сарфа намуда, партови 1700 кг карбонро дар атмосфера пешгирӣ менамояд. Иштироки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон муҳим аст, чунки мушкилоти партовҳо ва истифодаи бесамари захираҳои сайёра ба ояндаи мо таъсири бевосита мерасонад.

Мақсади Амалиёт

- Сарфаи захираҳои табиӣ (дарахтон, обҳо, қувваи барқ) аз ҳисоби дубора коркарди қоғазпораҳои кӯҳнашуда.
- Рушди маданияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъоварии партовҳо ба таври алоҳида.

**ҚОҒАЗ ТАКРОРАН МЕТАВОН КОРКАРД ШАВАД.**

Даромадҳои бадастоварда танҳо барои бартараф сохтани эҳтиёҷоти волонтёрони Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ гардонидани вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла нигоҳдошти мавзеҳои ҷамъиятию фароғатӣ истифода мешаванд.

**ШУМО МЕТАВОНЕД САҲМИ ХУДРО ГУЗОРЕД ВА ИШТИРИКОЧИИ АМАЛИЁТИ УМУМИҶУМҲУРИЯВӢ ГАРДЕД!!!**

Аз хона, корхона ва аз ҳамсояҳои худ қоғазкӯҳнаҳоро ҷамъ оварда ба мо занг занед. Мо омада онҳоро мегирем. Мо беандоза миннатдор мешавем, агар қоғазкӯҳнаҳоро (бевосита) ба суроғаи дар поён овардашуда расонед ва ё барои гирифтани онҳо муроҷиат намоед:

**ш. Душанбе** (Штаби ҷумҳуриявӣ) хиёбони Рӯдаки 112 (нишона: бинои собиқ кинотеатри 8-март), шахсони масъул:

1. Шерали Ҷалолов - 987399652, 501885840, Sherali19952014@mail.ru;
2. Мирзораҳимов Наимҷон – 927077572, 937077572, naimjonm@gmail.com;
3. Фатҳуддин Солеҳов – 918518362, nyrc@youth.tj.

**Қурғонтеппа,** куч.Борбад 13 (нишона: ҳайкали Ч.Руми), шах. масъул:

1. Бобоев Бехруз – 900199039, behruz_724@mail.ru;
2. Рано Ҷумаева – 988160444, rano.dgumaeva@mail.ru.

**Ёвон**, шахси масъул:

1. Хусрав Бобобеков – 934243232, hoosrav2009@gmail.com;
2. Тағоев Ҷамшед – 934168116, tagaev78 @mail.ru

**Панч,**: шахси масъул:

1. Камолов Холмурод - 907710812, 935031362.

**Рӯдакӣ**, шахси масъул:

1. Рухшона Шобудинова – 907844394, ruhshona.rudaki@mail.ru

**Вахдат,** шахси масъул:

1. Саидов Сафарбег – 919708084, vahdat_youth@inbox.ru;

2. Гавхар Хоҷаева – 907570920, gavhar_75@mail.ru

**Бобоҷон Ғафуров**, шахси масъул:

1. Махмудов Мансур - 927925600, saidvill@rambler.ru

**Исфара,** шахси масъул:

1. Хасанова Зайнура – 928464633;
2. Сулаймонхон Султонов – 927498598, skif_sulton@mail.ru.

**Хоруғ,** кӯчаи Ленина109, Маркази ҷавонон, шахси масъул:

1. Чоршанбиев Сураҷ – 935353278, Surajjon@mail.ru.

**Кӯлоб**: кӯчаи С.Сафаров (собиқ кинот.Гулистон), Маркази ҷавонон, шахси масъул:

1. Шарифов Мадиброхим – 918414868, po.imron@gmail.com

**Хуҷанд:** кучаи К.Хучанди 81, (нишона: бинои Раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Суғд (автовокзали кӯҳна), шахси масъул:

1. Хоҷаев Аҳрорхон – 927899070, ahrorkhon_a@mail.ru

Ҳамчунин шумо метавонед ба Сохторҳои маҳалии ҷавонон, варзиш ва сайёҳи шаҳру ноҳияҳои худ муроҷиат намоед.

**Суроғаҳо барои мубодилаи маълумотҳо:**

volunteertajikistan@gmail.com, omot@youth.tj

www.volunteer.tj, www.facebook.com: ВолонтёрониТоҷикистон



## Г). Беҳтар гардонидани вазъи моддию техникии сохторҳои Кумита дар маҳалҳо

Маълум аст, ки дар шароити ҷомеаи муосир барои фаъолияти пурсамар ҳар як корманд бояд бо компютери алоҳида таъмин бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз 233 воҳидҳои дар маҳал фаъолияткунанда, ҳамагӣ 64 нафарашон бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошанду халос. Боқимонда масъулон корҳои идории худро бо истифода аз таҷҳизоти техникии дигар идораҳо бо дучор шудан бо монеаҳои зиёд пеш мебаранд, ки ин боиси танназул ёфтани сифати кор гардидааст.

Дар баробари ин, мизу курсиҳои қисми муайяни сохторҳои маҳаллӣ корношоям гардида, шумораи ками онҳо дорои ҷевони китобу дафтардорӣ мебошанд. Мебели мавҷуда бошад, мунтазам таъмир карда шуда, такроран барои истифодаи кормандон қарор дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, Кумита тасмим гирифт, киҷиҳати таҷҳизонидани техникию мебелии сохторҳои маҳаллии Кумита, махсусан бо компютерҳо, принтерҳо, факс ва сканерҳо, таҷҳизоти нусхабардорӣ, мебели корӣ ва ғайрабо ҷалби соҳибкорон ва истифодаи имкони мавҷуда тадбирҳои муаасир андешад ва солҳои 2014-2015-ро соли инфтрасохтори техникӣ эълон намуд.

Ҳамин тариқ, дар муҳлати панҷ моҳи охири соли 2014 бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Кумита ду автомобили хизматӣ ба маблағи беш 200 ҳазор сомонӣ харидорӣ ва таъмин карда шуд. Ҳамзамон, ҷудо намудани 7 автомобили хизматии дигар барои Дастгоҳи марказӣ ва сардорони раёсатҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе мавриди баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар нимсолаи дуюми соли 2014 ҳамкорӣ бо соҳибкорони муваффақ ба роҳ монда шуда, имкониятҳои моливии онҳо барои беҳдошти вазъи техникии соҳа равона гардид. Дар натиҷа дар маҷмӯъ 35 компютер, 6 принтер, 20 адад телефон, 4адад камераи мушоҳидавӣ аз ҳисоби соҳибкорон (аз ҷумла, Клуби футболи "Истиқлол") ва Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дастрас ва ба сохторҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои система таъмин карда шуданд ва ин икдом идома дорад.

## Е). Мукотиботи соҳа дар сатҳи нави ташкилӣ

Асри XI асри технологияи иттилоотӣ эълон шудааст ва аз ин гузашта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таҳкими имконоти иттилоотию техникии мақомоти марказӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пайваста тадбирҳо андешида истодааст, ки он мақсади ниҳоӣ ин дастрасӣ доштани шаҳрвандон ба хизматрасонии давлатӣ ва дар ин замина сарфа гардидани вақт ва маблағи онҳо мебошад. Яъне, ин соҳа дар баробари тезонидани муомилоти муносибатҳо ва хизматрасонӣ, ҳамзамон ба беҳсозии вазъи иқтисодии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Ин самти фаъолият дар баробари бурдборӣ нозукиҳои муайянро низ дорад. Бахусус, мавриди истифодаи почтаи электронӣ исбот шудааст, ки таъминкунандагони хизматрасонӣ, бахусус дар хориҷи кишвар имкони назар, таҳлил ва ба манфиатҳои муайян истифода кардани маълумоти почтаҳои электрониро доранд.

Бо ҳамин мақсад, тасмим гирифта шуд, сомонаҳои интернетии Кумита таҷдиди назар карда шуда, ба ҳар як корманд дар домени “youth.tj”, ки хизматрасони он ширкати ватанӣ мебошад, почтаҳои электронӣ таъсис дода шаванд.

Дар ин ҷо, мушкилот дар он аст, ки мутаассифона на ҳамаи кормандон қобилияти истифодаи интернетро доранд. Бо ҳамин мақсад мутобиқи қарорҳои Ҳайати мушовараи Кумита аз 15 июл ва 16 октябри соли 2014 дастурҳо дода шудаанд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бояд тамоми кормандон ин қобилиятро аз худ намоянд.

Новобаста аз ин, дар поён рӯйхати почтаҳои алоқаманди электронӣ оварда шуда (замима Е1), ба кормандони соҳа истифодаи доимии он тавсия карда мешавад. Ҳамзамон, боиси зикр аст, ки дар рӯйхат номи истифодабаранда (пользовател) ва рамзи махфӣ (парол) оварда шудааст, ки онро (паролро) истифодабарандагон дилхоҳ ҳолат метавонанд тағйир диҳанд. Дар баробари ин, барои истифодаи дуруст Тартиби истифодаи почтаи электронӣ дар домени “youth.tj” пешниҳод карда мешавад (замимаи Е2.).

## Замимаи Е1. Рӯйхати почтаҳои электрониисохторҳои маҳаллӣ дар домени «youth.tj»

| № | Истифодабаранда (пользовател) | Рамзи ҳифзшуда (парол) |
|---|---|---|
| | **ВМКБ** | |
| 1. | vmkb@youth.tj | PrYTj10 |
| 2. | darvoz1@youth.tj | darvoz1.2014 |
| 3. | darvoz2@youth.tj | darvoz2.2014 |
| 4. | darvoz3@youth.tj | darvoz3.2014 |
| 5. | vanj1@youth.tj | vanj1.2014 |
| 6. | vanj2@youth.tj | vanj2.2014 |
| 7. | vanj3@youth.tj | vanj3.2014 |
| 8. | rushon1@youth.tj | rushon1.2014 |
| 9. | rushon2@youth.tj | rushon2.2014 |
| 10. | rushon3@youth.tj | rushon3.2014 |
| 11. | shugnon1@youth.tj | shugnon1.2014 |
| 12. | shugnon2@youth.tj | shugnon2.2014 |
| 13. | shugnon3@youth.tj | shugnon3.2014 |
| 14. | khorug1@youth.tj | khorug1.2014 |
| 15. | khorug2@youth.tj | khorug2.2014 |
| 16. | khorug3@youth.tj | khorug3.2014 |
| 17. | roshtqala1@youth.tj | roshtqala1.2014 |
| 18. | roshtqala2@youth.tj | roshtqala2.2014 |
| 19. | roshtqala3@youth.tj | roshtqala3.2014 |
| 20. | ishkoshim1@youth.tj | ishkoshim1.2014 |
| 21. | ishkoshim2@youth.tj | Ishkoshim2.2014 |
| 22. | ishkoshim3@youth.tj | Ishkoshim3.2014 |
| 23. | murgob1@youth.tj | murgob1.2014 |
| 24. | murgob2@youth.tj | murgob2.2014 |
| 25. | murgob3@youth.tj | murgob3.2014 |
| | **Суғд** | |
| 1. | sugd@youth.tj | PrYTj06 |
| 2. | spitamen1@youth.tj | spitamen1.2014 |
| 3. | mastchohikuhi1@youth.tj | mastchohikuhi1.2014 |
| 4. | j.rasulov1@youth.tj | j.rasulov1.2014 |
| 5. | shahriston1@youth.tj | shahriston1.2014 |
| 6. | istaravshan1@youth.tj | istaravshan1.2014 |

| | | |
|---|---|---|
| 7. | khujand1@youth.tj | khujand1.2014 |
| 8. | isfara1@youth.tj | isfara1.2014 |
| 9. | qayroqum1@youth.tj | qayroqum1.2014 |
| 10. | zafarobod1@youth.tj | zafarobod1.2014 |
| 11. | chkalovsk1@youth.tj | chkalovsk1.2014 |
| 12. | taboshahr1@youth.tj | taboshahr1.2014 |
| 13. | gafurov1@youth.tj | gafurov1.2014 |
| 14. | asht1@youth.tj | asht1.2014 |
| 15. | gonchi1@youth.tj | gonchi1.2014 |
| 16. | konibodom1@youth.tj | konibodom1.2014 |
| 17. | mastchoh1@youth.tj | mastchoh1.2014 |
| 18. | panjakent1@youth.tj | panjakent1.2014 |
| 19. | ayni1@youth.tj | ayni1.2014 |
| | **Хатлон** | |
| 1. | khatlon@youth.tj | PrYTj07 |
| 2. | norak1@youth.tj | norak1.2014 |
| 3. | bokhtar1@youth.tj | bokhtar1.2014 |
| 4. | vakhsh1@youth.tj | vakhsh1.2014 |
| 5. | qurgonteppa1@youth.tj | qurgonteppa1.2014 |
| 6. | baljuvon1@youth.tj | baljuvon1.2014 |
| 7. | khovaling1@youth.tj | khovaling1.2014 |
| 8. | muminobod1@youth.tj | muminobod1.2014 |
| 9. | temurmalik1@youth.tj | temurmalik1.2014 |
| 10. | dangara1@youth.tj | dangara1.2014 |
| 11. | farkhor1@youth.tj | farkhor1.2014 |
| 12. | hamadoni1@youth.tj | hamadoni1.2014 |
| 13. | vose1@youth.tj | vose1.2014 |
| 14. | kulob1@youth.tj | kulob1.2014 |
| 15. | shurobod1@youth.tj | shurobod1.2014 |
| 16. | sarband1@youth.tj | sarband1.2014 |
| 17. | n.khisrav1@youth.tj | n.khisrav1.2014 |
| 18. | yovon1@youth.tj | yovon1.2014 |
| 19. | a.jomi1@youth.tj | a.jomi1.2014 |
| 20. | khuroson1@youth.tj | khuroson1.2014 |
| 21. | shahritus1@youth.tj | shahritus1.2014 |
| 22. | qubodiyon1@youth.tj | qubodiyon1.2014 |
| 23. | jilikul1@youth.tj | jilikul1.2014 |

| | | |
|---|---|---|
| 24. | qumsangir1@youth.tj | qumsangir1.2014 |
| 25. | j.rumi1@youth.tj | j.rumi1.2014 |
| 26. | panj1@youth.tj | panj1.2014 |
| | **ш.Душанбе** | |
| 1. | dushanbe@youth.tj | dushanbe2014 |
| 2. | sino@youth.tj | sino2014 |
| 3. | somoni@youth.tj | somoni2014 |
| 4. | shohmansur@youth.tj | shohmansur2014 |
| 5. | firdavsi@youth.tj | firdavsi2014 |
| | **НТЧ** | |
| 1. | vahdat@youth.tj | vahdat2014 |
| 2. | vahdat1@youth.tj | |
| 3. | tursunzoda@youth.tj | tursunzoda2014 |
| 4. | tursunzoda1@youth.tj | tursunzoda1.2014 |
| 5. | rudaki@youth.tj | rudaki2014 |
| 6. | rudaki1@youth.tj | rudaki1.2014 |
| 7. | hisor@youth.tj | hisor2014 |
| 8. | hisor1@youth.tj | hisor1.2014 |
| 9. | rasht@youth.tj | rasht2014 |
| 10. | rasht1@youth.tj | rasht1.2014 |
| 11. | nurobod@youth.tj | nurobod2014 |
| 12. | nurobod1@youth.tj | nurobod1.2014 |
| 13. | fayzobod@youth.tj | fayzobod2014 |
| 14. | fayzobod1@youth.tj | fayzobod1.2014 |
| 15. | varzob@youth.tj | varzob2014 |
| 16. | varzob1@youth.tj | varzob1.2014 |
| 17. | tojikobod@youth.tj | tojikobod2014 |
| 18. | tojikobod1@youth.tj | tojikobod1.2014 |
| 19. | shahrinav@youth.tj | shahrinav2014 |
| 20. | shahrinav1@youth.tj | shahrinav1.2014 |
| 21. | tavildara@youth.tj | tavildara2014 |
| 22. | tavildara1@youth.tj | tavildara1.2014 |
| 23. | jirgatol@youth.tj | jirgatol2014 |
| 24. | jirgatol1@youth.tj | jirgatol1.2014 |
| 25. | rogun@youth.tj | rogun2014 |
| 26. | rogun1@youth.tj | rogun1.2014 |

## Замимаи Е2. Тартиби истифодаи почтаҳои электронӣ дар домени youth.tj

Амалисозии почтаҳои электронии кормандони Кумита дар домени youth.tj бо мақсади рушд, танзим, ҳифз ва ҳамоҳангсозии муросилот, инчунин эмин нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои хусусияти махфидошта аз таъсир ва истифодаи берунӣ ба роҳ монда мешавад.

ТАРЗИ ВОРИД ГАРДИДАН БА ПОЧТА

Домени youth.tj барои дастрасии васеъ дар сервери сомонаи yandex.ru ҷойгир карда шудааст. Аз ин рӯ, барои ворид гардидан ба почтаи электронӣ бояд ҳамеша саҳифаи мазкурро истифода намуд: www.mail.yandex.ru

Қадами 1. Дар қисмати болои саҳифаи интернетӣ навиштаҷоти - www.mail.yandex.ru ворид карда шавад.



Қадами 2. Дар саҳифаи намоёнгардида истифодабаранда (логин) ва рамзи ҳифзшуда (парол) ворид карда шавад.




Қадами 3. Дар монитор ҷадвали муайянкунандаи шахсият пайдо мегардад. Зарур аст, ки он тибқи талабот пур карда шавад.



Қадами 4. Барои иваз кардани рамзи ҳифзшуда (парол) ба тугмачаи алоқаманди чархмонанд зер мекунед.




Қадами 5. Ба тугмачаи «Безопасность» зер мекунед.



Қадами 6. Ба навиштаҷоти «менять пароль», яъне иваз кардани рамзи ҳифзшуда зер мекунед.




Қадами 7. Сатрҳои нишондодашударо хонапурӣ мекунед. Сараввал дар сатри «Старый пароль» рамзи ҳифзшудаи (пароли) амалкунандаро ворид месозед, сипас дар ду сатрҳои баъдӣ рамзи ҳифзшудаи (пароли) дилхоҳ/нав ворид карда шавад. Ҳамчунин, дар стари чорум рамзҳои нишондодашударо ворид сохта, тугмачаи «Сохранит»-ро зер мекунед.



Ҳамин тариқ, рамзи ҳифзшудаи (пароли) Шумо аз нав сохта мешавад. Кӯшиш кунед, то инки онро фаромуш насозед.

## ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ПОЧТА

Почтаи электронии мазкур нисбат ба дигар почтаҳо бартарият дорад. Дар ин почта шумо метавонед ҳамзамон дигар почтаҳои худро қабул созед, яъне дар алоҳидагӣ ворид гардидан ба почтаҳои дигари худ зарурат надорад.

Почтаи мазкур имкон медиҳад, ки маълумоти алоқаманди худро аз он фориғ нагардида, ба шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн созед.

Ҳамчунин, Шумо метавонед дар қисмати чапи почта папкаҳои махсуси худро кушоед, то ин ки мактубҳои алоқамандро ба зудӣ дастрас намоед.

Бо дигар бартариятҳо мавриди истифодаи он Шумо метавонед шинос шавед.

## ДАСТРАСИИ АХБОРИ УМУМӢ

Яке аз бартариятҳои почтаи мазкур дар он аст, ки дилхоҳ истифодабаранда метавонад дар як лаҳза бо истифодаи як почта маълумоти хусусияти умумидоштаро ба ҳама шахсони дар гурӯҳи почта дохил буда дастрас намояд.

Барои мисол, айни замон ҳамаи почтаҳои роҳбарон ва кормандони Дастгоҳи марказии Кумитаро почтаи markaz@youth.tj муттаҳид сохтааст, яъне масъулони соҳаро зарур аст, ки маълумоти хусусияти умумӣ доштаро ба ҳамин почта ирсол намояд.

Ба чоп 16.12.2014супурда шуд.
Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи TimesNewRomanTj.
Ҷузъи чопии шартӣ 2,5. Теъдоди нашр 500 нусха.

ҶДММ «Басанта»